*Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!*

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

16 сентябри соли 2015, чоршанбе, №38 (1017)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ДУШАНБЕ МИЗБОНИ ҲАМОИШИ СААД




**Дирӯз дар Қасри Миллат иҷлосияи навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бо иштироки сарони давлатҳои аъзои ин созмон таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи олӣ баргузор гардид.**

*саҳ. 4*

Ҳаёти ҳизб

## ҲУНАРМАНДОН ДАР МЕҲМОНИИ СОХТМОНЧИЁН

*саҳ. 5*

## ҶАВОНОН АМАЛИ НАНГИНИ ХИЁНАТКОРОНРО МАҲКУМ МЕКУНАНД

*саҳ. 8*

## СААД

## КАФИЛИ АМНИЯТИ КИШВАРҲОИ АЪЗО

*саҳ. 9*

## ХИЁНАТИ ДАСТПАРВАРИ ҲНИТ

*саҳ. 10*

# ТОҶИКИСТОН ШАРИКИ МУҲИМИ СТРАТЕГИИ ҚАЗОҚИСТОН

**Боздиди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев аз Тоҷикистон, ки субҳи 14 уми сентябр бо сафари расмӣ вориди шаҳри Душанбе шуд, бо баргузории маросими бошукӯҳи истиқболи расмӣ дар назди Қасри Миллат оғоз ёфт.**



Баррасии масоили вобаста ба рушди муносиботи дӯстона ва ҳамкории барои ҳарду ҷониб судбахш нахуст дар мулоқоти хосаи сарони ду давлат сурат гирифт. Сарони ҳарду давлат аз имкони ба сатҳи шарикии стратегӣ баромадани муносиботи Тоҷикистону Қазоқистон изҳори қаноату хушҳолӣ карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат изҳор дошт: **"Мо ба ташрифи Шумо ба Тоҷикистон аҳамияти беандоза медиҳем. Бовар дорам, ки ин боздид бо муҳтаво ва самтгириаш имкон дорад дар муносиботи Тоҷикистону Қазоқистон саҳифаҳои нав боз намояд".**

Нурсултон Назарбоев изҳор дошт, ки "Ҳамаи солҳои истиқлолият миёни Қазоқистон ва Тоҷикистон ҳеҷ гуна мушкилот вуҷуд надошту надорад. Мо бисёр хоҳони суботу оромӣ дар Тоҷикистонем, зеро вай барои мо шарики басо муҳим аст. Мо омодаем рушди иқтисодии Тоҷикистонро ҳамаҷониба дастгирӣ намоем".

Зимни мулоқоти хоса ва музокироти расмӣ, ки баъдан бо иштироки ҳайатҳои расмии ду кишвар баргузор гардид, масоили вобаста ба густариши робитаҳои сиёсӣ, ҳарбию амниятӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва фарҳангию маърифатӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар робита ба танзими муҳоҷирати корӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон, аз ҷумла зикр гардид, ки бояд шароити бехтари ҳуқуқии будубоши муваққатии онҳо муҳайё карда шавад.

Таваҷҷуҳи зиёд ба авзои кунунии Афғонистон, Шарқи Наздик ва таъсири манфии он ба минтақаи Осиёи Марказӣ зоҳир шуда, таъкид гардид, ки ҳамгироии муштараки дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Қазоқистон бояд тақвият дода шавад.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ дар ҳузур ва бо иштироки бевоситаи сарони ду давлат 6 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

**Дар оғози маросим зери Аҳднома оид ба шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев имзо гузоштанд.**

**5 санади дигар инҳоянд:**

- Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳимояи техникии иттилоот;
- Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишномаи миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Тоҷикистон, ки муваққатан дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон кор мекунанд ва фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Қазоқистон, ки муваққатан дар ҳудуди Тоҷикистон кор мекунанд, аз 4 майи соли 2006;
- Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишномаи миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 13 июни соли 2000;
- Созишнома миёни Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва варзиши Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ;
- Барномаи ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2016-2017;

Зимни нишасти матбуотӣ сарони ду давлат аз натиҷаҳои мулоқоту музокирот изҳори қаноат карда, ба дурнамои муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судбахши ду кишвар, ба хусус дар робита ба эълони шарикии стратегии Тоҷикистону Қазоқистон баҳои баланд доданд.

Нурсултон Назарбоев Тоҷикистонро "шарики муҳими стратегии Қазоқистон" номида, изҳор дошт, ки барои таҳким ва густариши минбаъдаи чунин шарикӣ аз тамоми имкону захираҳои мавҷуда пурсамар истифода бояд кард.

# ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН: 90 САНАДИ ҲАМКОРӢ

**Нимаи дуюми рӯзи 14 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Алмазбек Атамбаев, ки барои иштирок дар ҳамоиши навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба Душанбе ташриф овард, мулоқот кард.**



Дар воҳӯрӣ масоили вобаста ба рушди муносиботи дӯстию ҳамсоягии нақӯ ва ҳамкории судбахш баррасӣ шуд.

Сарвари давлати Тоҷикистон дар оғози суҳбат изҳор дошт: "Муносиботи Тоҷикистону Қирғизистон дорои имконоти бағоят васеи рушду густариш мебошанд ва моро зарур аст, ки аз шароити ҳамсони табиию иқлимӣ ва сохтори монанди иқтисодии ду кишвари ҳамсоя пурсамар истифода барем".

Алмазбек Атамбаев дар навбати худ ба раёсати Тоҷикистон дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва ҳам омодасозии ҳамоиши сатҳи олии ин созмон баҳои баланд дода, аз ҷумла ба Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфт: **"Ман Шуморо бо раёсати басо муваффақона ва самарабахши Тоҷикистон дар СААД табрик мегӯям".**

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки миёни Тоҷикистону Қирғизистон заминаи васеи қарордодию ҳуқуқии иборат аз қариб 90 санади ҳамкорӣ мавҷуд аст.

Тазаккур дода шуд, ки рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва тиҷорат ҳамоно афзалиятнок дониста мешаванд.

Фаъолнокии бештари комиссияи байниҳукуматии ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва техникии Тоҷикистону Қирғизистон зарур дониста шуд.

Ба ҳалли мушкилоти сарҳадӣ ва рушди тиҷорати наздимарзӣ ва дар ин замина ба таҳкими дӯстӣ ва ҳусни ҳамсоягии сокинони деҳоти наздисарҳадӣ ҳам таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

**Бегоҳии рӯзи 14 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Арманистон Серж Саргсян мулоқот кард.**

# СЕРЖ САРГСЯН ЭМОМАЛӢ РАҲМОНРО БА АРМАНИСТОН ДАЪВАТ КАРД

Сарони ду давлати дӯст атрофи рушди муносиботи дӯстӣ ва густариши ҳамкории судбахш табодули назар намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон Серж Саргсянро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, изҳори боварӣ намуд, ки ташрифи меҳмони олимақом ба рушди муносиботи дуҷониба низ такон мебахшад.

Президенти Арманистон дар навбати худ сатҳи баланди раёсати Тоҷикистонро дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ таъкид намуда, изҳор дошт: "Мо дар чаҳорчӯби ҳамоишҳои минтақавию байналмилалӣ зиёд мулоқоту гуфтугӯй анҷом медиҳем ва вақти он расидааст, ки сафарҳои расмӣ низ роҳандозӣ карда, барои амалӣ намудани тавофуқоти ҳосилнамудаамон талош варзем". Аз ин хотир, Серж Саргсян аз Эмомалӣ Раҳмон даъват намуд, ки ба Арманистон сафари расмӣ анҷом диҳад.

Тавре зикр гардид, миёни Тоҷикистону Арманистон то ҳол беш аз 20 санад, аз ҷумла доир ба ташкил ва густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, илм ва фарҳанг ба имзо расидааст.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба ҳамгироии сиёсию амниятии Тоҷикистону Арманистон, аз ҷумла дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва дигар иттиҳодияҳои минтақавию ҷаҳонӣ, сурат гирифт.



# ШОМИ ДӮСТИИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ СААД

**Шоми рӯзи 14 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Бӯстонсарои шаҳри Ҳукумати мамлакат ба сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, ки барои иштирок дар ҷаласаи навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии ин созмон дар Тоҷикистон қарор доранд, зиёфати ғайрирасмӣ орост, ки бо фазои гарму самимиаш ба маҳфили Шоми дӯстӣ табдил ёфт.**





Шоми дӯстӣ ба истиқболи меҳмонони олимақом, аз ҷумла президентҳои кишварҳои аъзо - Арманистон Серж Саргсян, Белорус Александр Лукашенко, Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Қирғизистон Алмазбек Атамбаев ва Русия Владимир Путин дар фазои басо гарму самимӣ ва дӯстию бародарӣ ҷараён гирифт.

Меҳмонони олимақом аз меҳмоннавозии гарми анъанавии тоҷикӣ, ки аз ҷониби Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зоҳир гардид, басо шоду мамнун шуданд.

Меҳмонон дар боғи Бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гашту гузор ва суҳбати озоди дӯстона намуда, аз табиати сабзу ҳавои тозаи Тоҷикистони биҳиштосо дар фазои ороми босубот ҳаловат бурданд. Таъкид шуд, ки Тоҷикистон бо сарватҳои табиияш, бахусус обҳои мусаффо ва меваю сабзавоти шаҳдбораш кишварест нотакрор.

Ба ифтихори меҳмонони олимақом сабзавоти тару тоза ва меваҳои шаҳдбори Тоҷикистон ба намоиш гузошта шуд, ки аз ҷониби сарони давлатҳои аъзои СААД баҳои баланд дода шуд.

Мавриди зикр аст, ки меҳмоннавозии анъанавии тоҷикон аз қадим хосиятҳои хоси дӯстонаю самимияти баланд доштa, дар миёни ҷаҳониён ҳамчунин бо таомҳои хушлаззати миллӣ маъруф аст.

# РУСИЯ ШАРИКИ РАҚАМИ АВВАЛИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Таърихи 15 сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, ки барои иштирок дар ҳамоиши навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба шаҳри Душанбе ташриф овард, мулоқот кард.**



Дар вохӯрӣ масоили вобаста ба таҳким ва густариши муносиботи бисёрҷанбаи ду шарики стратегӣ баррасӣ шуд.

Дар оғози суҳбат Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба Русия ва шахсан ба Владимир Путин барои дастгирӣ аз тадбирҳои амнияти Тоҷикистон дар оғози моҳи сентябр ва ҳам барои фиристодани кӯмаки башардӯстона ба осебдидагони офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон арзи сипос намуд.

Владимир Путин бори дигар омодагии Русияро барои дастгирии ҳамаҷониба аз рушди Тоҷикистон таъкид дошта, аз ҷумла изҳор намуд, ки муносиботи Русияву Тоҷикистон бар иттифоқчигию баробарҳуқуқии ду ҷониб асос ёфтаанд. Аз ҳамгироии мунтазам ва босамари ниҳодҳои корҳои хориҷӣ ва сохторҳои қудратию мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи ду кишвар изҳори қаноат карда шуд.

Зимни мулоқот, ки дар фазои созанда ҷараён гирифт, аз ҷумла зикр гардид, ки Русия ҳамоно шарики рақами аввали сармоягузорӣ дар Тоҷикистон боқӣ мемонад, зеро сармояи мустақими аз ин кишвар воридшуда баробар ба 1,2 миллиард доллари амрикоӣ аст. Ин адад қариб ба нисфи ҳамаи сармоягузории мустақими хориҷӣ ба Тоҷикистон баробар мебошад. Соли 2014 гардиши молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Русия дар муқоиса ба соли 2013 38% афзудааст.

Ҳамзамон коҳиш ёфтани содироти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон ба Русия зикр гардид.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ин раванд изҳори нигаронӣ карда, пешниҳод намуд, ки барои ислоҳи ин камбудӣ дар ҳудуди Тоҷикистон корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои содирот ба Русия таъсис ёбанд. Ҳамчунин бунёди марказҳои хизматрасонӣ, ворид намудани технологияҳои нав ва техникаю мошинолоти кишоварзӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон, зарур шумурда шуд.

Таъкид гардид, ки имконоти беандоза зиёди рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, нақлиёт, энергетика, алоқа ва робитаҳои мустақими байни минтақаҳои ду кишвар бояд васеъ истифода шаванд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба масоили саҳлсозии шароит барои муҳоҷирони кории тоҷик дар қаламрави Русия зоҳир гардид.

Аз он, ки беш аз 300 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон бо сабаби содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии камаҳамият аз ҳаққи воридшавӣ ба ҳудуди Русия маҳрум гардидаанд, изҳори нигаронӣ карда шуд.

Ҳамчунин масъалаи ба муддати то 90 рӯз дароз кардани муҳлати аз қайд гузаштани шаҳрвандони Тоҷикистон пас аз воридшавӣ ба ҳудуди Русия ба миён гузошта шуд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба авзои кунунии минтақа ва ҷаҳон ва ҳамгироиҳои амниятию дифоӣ ва ҳарбию техникии Тоҷикистону Русия сурат гирифт.

саҳ. 4

# ДУШАНБЕ МИЗБОНИ ҲАМОИШИ СААД

**Дирӯз дар Қасри Миллат иҷлосияи навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бо иштироки сарони давлатҳои аъзои ин созмон таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи олӣ баргузор гардид.**



Қабл аз ҳама ба Қасри Миллат Президенти Арманистон Серж Саргсян ва Президенти Белорус Александр Лукашенко ва сипас сарони дигар давлатҳо низ ворид шуданд.

Хотиррасон бояд намуд, ки барои иштирок дар ҳамоиши сатҳи олии СААД ба Тоҷикистон роҳбарони ҳамаи давлатҳои аъзои ин созмон, аз ҷумла Арманистон - Серж Саргсян, Белорус - Александр Лукашенко, Федератсияи Русия - Владимир Путин, Қазоқистон - Нурсултон Назарбоев, Қирғизистон - Алмазбек Атамбоев ва сарвари кишвари мизбон Тоҷикистон - Эмомалӣ Раҳмон ба ҳам омаданд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон меҳмонони олимақомро як - як истиқбол гирифт.

Ҳамоиши мазкур бо аксгирии умумӣ оғоз ёфта, бо баргузории ҷаласаи хосаи сарони давлатҳо, ҷаласаи васеъ бо иштироки ҳайатҳои расмии кишварҳои аъзо ва намояндагони созмонҳои дигари минтақавию байналмилалӣ идома ёфт ва бо имзои санадҳо ва изҳороти муштараки матбуотӣ ба поён расид.

Зимни ҳамоиш дар баробари баррасӣ шудани масоили мубрами вобаста ба таъмини амнияту субот дар қаламрави масъулияти СААД ҷараён ва натиҷаҳои раёсати Тоҷикистон дар ин созмон мавриди муҳокима қарор гирифт.

Тавре зикр гардид, раёсати Тоҷикистон дар СААД бо муваффақият ва босамар ҷараён дорад. Аз ҷумла ба ҳамоишҳои роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори давлатҳои аъзои СААД ва машқҳои низомию махсус, ки дар ҳудуди Тоҷикистон бо иштироки воҳидҳои низомӣ ва нерӯҳои ниҳодҳои дигар аз ин давлатҳо ҷараён гирифтанд, баҳои баланд дода шуд. Зикр гардид, ки машқҳои муштараки низомию махсуси кишварҳои аъзои СААД дар Тоҷикистон омодагии ҷиддӣ ва фаврияти вокунишҳои зарурии ниҳодҳои дахлдори ин давлатҳоро нишон дод.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷаласаи ҳайатҳои васеъ, аз ҷумла иттилоъ дод, ки дар Тоҷикистон ҷаласаҳои шӯроҳои вазирони корҳои хориҷӣ, вазирони мудофиа, Кумитаи котибони шӯроҳои амният, кумитаи ҳарбӣ, роҳбарони ниҳодҳои мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар сохторҳо ва ҳамчунин машқҳои муштараки низомию махсус баргузор шуд. Беш аз ҳама ба санҷиши ногаҳонии омодагии доимии ҷузъутомҳои Нерӯҳои муштараки вокуниши фаврии кишварҳои аъзои СААД, ки бо интиқол додани онҳо ба ҳудуди Тоҷикистон ва роҳандозии машқҳои низомӣ ҷараён дошт, баҳои баланд дода шуд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз шиддат гирифтани авзои сиёсию иҷтимоӣ дар минтақа ва ҷаҳон ва ҳамчунин мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтани имконоти глобализатсия аз ҷониби нерӯҳои террористию ифротгаро изҳори нигаронӣ карда, таъкид дошт: "Чунин вазъият аз мо амалҳои ҳамоҳангшудаи таъхирнопазирро талаб мекунад, то ки ҳаёти осудаю осоиштаи кишварҳо ва мардумонамонро таъмин намоем".

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин таъкид дошт, ки шариконӣ мо аз кишварҳои СААД барои тақвият додани имконоти ҳарбию сарҳадбонии Тоҷикистон чун кишвари ҳаммарз бо Афғонистон бояд талошҳои ҳамоҳангшудаи дуҷонибаю бисёрҷониба дошта бошанд.

Дар идомаи суханронӣ Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: "Тоҷикистон ҷонибдори таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба рушди ҳамкории ҳарбӣ-иқтисодии кишварҳои аъзои СААД ва густариши робитаҳо миёни корхонаҳои саноати ҳарбии ин давлатҳо аст".

Сарвари давлати Тоҷикистон ҳамчунин тавсиаи робитаҳои СААД ва Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ)-ро амри зарурӣ номид.

Дар ниҳояти сухан Эмомалӣ Раҳмон бар зарурати таҳкими минбаъда ва пайвастаи имконоти мақомоти кории СААД таъкид намуд.

Ба раёсати муваффақ ва комёби Тоҷикистон дар СААД аз ҷониби сарони ҳамаи давлатҳо ва дигар маърӯзагарон баҳои баланд дода шуд. Сарони давлатҳо аз нақши муҳими Тоҷикистон дар таъмини амнияту субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ, чун кишваре, ки дар хатти пеши мубориза ва пешгирӣ аз паҳншавии хатарҳои терроризму ифротгарой қарор дорад, ёдовар шуда, омодагии худро барои кӯмак расондан ба он таъкид доштанд.

Дар охири ҷаласаи ҳайатҳои васеъ як зумра санадҳои муҳим ба имзо расид, ки ба таҳким ва густариши минбаъдаи ҳамкорӣ дар доираи СААД мусоидат хоҳанд кард.

Ба раёсати муваффақи Тоҷикистон дар СААД, нақши муҳими кишвар дар низоми минтақавии таъмини амну субот ва ба натиҷаҳои ҳамоиши имрӯзаи сарони давлатҳои аъзои ин созмон ҳамчунин зимни нишасти матбуотӣ баҳои баланд дода шуд.

*www.president.tj*

---

**Нуқтаи назар**

# Аҳамияти нишасти Душанбе барои таъмини амнияти минтақавӣ

**Нишасти сарони кишварҳои аъзои СААД дар Душанбе мавриди таваҷҷуҳи коршиносони масоили сиёсии минтақа буд. Аксари ин соҳибназарон бо таъкид бар аҳамияти баргузории он дар Тоҷикистон сатҳи ташкили ин чорабинии муҳимро хеле хуб арзёбӣ карданд. Дар изҳори назар ва таҳлилҳое, ки аз сӯи коршиносон дар рӯзҳои омадагӣ ба ин нишаст ва инчунин дар ҳошияи гуфтугӯҳои Раисони ҷумҳурии 6 кишвари аъзо сурат гирифт, бо ишора ба ҳодисаҳои ахир дар Тоҷикистон баргузории ин нишастро ҳимоят аз иқдомоти Душанбе ҷиҳати танзими вазъият ва аз байн бурдани хатари гурӯҳи хиёнаткор ба роҳбарии фармондеҳи собиқи Иттиҳоди мухолифон, муовини Вазири мудофиаи ҶТ Абдуҳалим Назарзода донистанд. Чанде аз ин изҳори назарҳо, ки аз сӯи хабарнигори "МХ" омода гардид, пешкаши шумо мешавад.**

**Александр ПЕРЕНЧИЕВ, таҳлилгар аз Ассотсиатсияи сиёсатшиносони низомии Русия:**



- Баргузории хуби ин нишаст пас аз як ҳафтаи саркӯб кардани исёни генерали собиқи Вазорати мудофиаи ҶТ баёнгари нерӯмандии давлат бо сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмон аст. Мо шоҳид будем, ки мавзӯи дифоъ ва амният аз масоили меҳварӣ дар ин нишаст бо таваҷҷуҳ ба рӯйдодҳои ахири минтақа ва ба хусус ҳодисаҳои Тоҷикистон мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифт. Агарчӣ пас аз сар задани исён мақомоти СААД онро кори дохилии давлати Тоҷикистон унвон карданд, вале бо вуҷуди ин масъала тайи ҳафтаи гузашта дар маркази диққати давлат ва ҷомеаи кишварҳои аъзои созмон буд.

Маълум аст, ки Тоҷикистон аз иттифоқчиёни асосии низомии Русия мебошад ва ин кишварҳо ҳеҷ гоҳ ба рӯйдодҳо ва махсусан ба ин гуна буҳронҳое, ки дар қаламрави якдигар пеш меоянд, бетараф буда наметавонад. Маскав ва Душанбе ҳамкориҳои низомии худро дар доираи барномаҳои пойгоҳи 201 амалӣ мекунанд ва ин пойгоҳ дар шароити кунунӣ кафили таъмини амният дар Тоҷикистон ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

**Талант РАЗЗОҚОВ, коршиноси масоили низомӣ аз Қирғизистон:**



-Нишасти Душанбе аз он ҷиҳат қобили таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аз ҷумла кишварҳои Иттиҳоди кишварҳои мустақил аст, ки ҷаҳон дар ҳоли таҳаввул буда, кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳам ҳар лаҳза ба таҳдиду хатарҳои нави чӣ беруна ва чӣ дохилӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Терроризм, ки як таҳдиди бузург ба суботу амнияти ҷаҳонӣ шинохта шудааст, имрӯз кишварҳои моро дар доираи барномаҳои СҲШ, СААД ва нерӯҳои эътилофи зиддитеррористӣ муттаҳид кардааст.

Мо шоҳид будем, ки дар солҳои мавҷудияти худ СААД ҳамеша ба масоили дохилии кишварҳои узв мавзеи бетарафӣ нишон дода, дар рӯзҳои исёни генерали Вазорати мудофиаи ҶТ ҳам аз дахолат ба иқдомоти давлат ва мақомоти Душанбе худдорӣ кард, ки як амали дуруст буд.

**Парвиз МУЛЛОҶОНОВ, сиёсатшинос аз Тоҷикистон:**



- Фаъол шудани нерӯҳои тундрави исломӣ дар Афғонистон натанҳо хатари ҷиддӣ ба кишвари мо дорад, балки барои амнияту суботи тамоми кишварҳои минтақа таҳдид мекунад. Баргузории нишасти СААД бори дигар сиёсати ҳамгироии низомии шаш кишвари аъзоро тақвият намуда, барнома ва иқдомоти мушаххас дар доираи барномаи амали созмонро такмил ва тасдиқ кард.

Вокуниши бетарафонаи СААД ба рӯйдодҳои ахир дар Душанбе ва шаҳри Ваҳдат нишонаи сиёсати дурусти ин ниҳод буда ва мутобиқ ба ойинномаи созмон сурат гирифтааст.

Тоҷикистон бори аввал нест, ки ба чунин як мушкил рӯ ба рӯ мешавад, вале ҳар бор муваффақона худ ин мушкилотро бартараф мекунад. Кишварҳои дигари аъзои созмон фақат бо пешниҳоди кӯмакҳои техникӣ ва моддӣ ба Тоҷикистон дар ҳалли масоили амниятӣ мусоидат мекунанд.

**Досим САТПАЕВ, раиси гурӯҳи арзёбии рӯйдодҳо, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ аз Қазоқистон:**



- Нақши СААД дар таъмини амният ва суботи ҳар кадом аз кишварҳои минтақа муҳим буда ва баргузории он дар рӯзҳое, ки Тоҷикистон ба бартараф кардани оқибатҳои исёни барои ин кишвар хатарнок машғул аст, аҳамияти бештар касб кард.

СААД дар рӯзҳои ахир бори дигар нишон дод, ки бештар бар асоси сиёсати бетарафӣ дар ҳалли мушкили ҳар кишвар амал мекунад ва ба корҳои дохилии ягон кишвари узв дахолат намекунад.

Агар дар ёд дошта бошед, мақомоти Ӯзбекистон ду бор бо баҳонаи ин ки ҳузури ҳар гуна нерӯи хориҷӣ дар қаламрави кишварҳои минтақа истиқлоли ин кишварҳоро халалдор мекунад, аз узвияти ин созмон хориҷ шуд.

Бори аввал ин кишвар дар соли 1999 узвияташро қатъ кард ва дубора бо ҳамин баҳона дар соли 2012 ба тамом аз он хориҷ шуд.

Аммо ҳодисаҳои ахир дар Қирғизистон ва Тоҷикистон ва бетарафии СААД ба ин рӯйдодҳо нишон дод, ки тарс аз дахолати нерӯҳои кишварҳои узв бепоя мебошад.

Дуруст аст, ки ҳанӯз баҳс дар мавриди таъини нақши СААД дар ҳолатҳои бӯҳронӣ ҳоло ҳам идома дорад ва ин созмон дар оянда ҷойгоҳи худро дар ҳолатҳои таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба кишварҳои узв бояд муайян кунад.

САДД ба ҷанги байниқавмӣ дар Қирғизистон дар тобистони соли 2010 ҳам дахолат накарда буд, вале он замон ин хатар вуҷуд дошт, ки метавонист ин бӯҳрон ба муноқишаи байни давлатҳо табдил шавад.

Амалиёти махсуси нерӯҳои давлати Қирғизистон дар остонаи Иди Рамазон дар Бишкек ба муқобили гурӯҳи ҷангҷӯёни Давлати исломӣ ва фаъол шудани тундравони исломӣ дар Қазоқистон нишон медиҳад, ки нерӯҳое дар дохил мавҷуданд, ки сарҳадро вайрон накарда, дар худи дохили кишварҳо вазъиятро метавонанд бесубот кунанд.

Баррасии роҳҳои тавсиаи масоили мавриди таваҷҷуҳ ва тақвияти тадбирҳои ҳимоят аз амнияти минтақа ва муқобила бо таҳдидҳои хориҷию дохилӣ аз меҳварҳои ин нишаст буд ва итминон дорем қарорҳои лозим низ дар ин замина қабул шудаанд.

**Александр СОБЯНИН, роҳбари Хадамоти банақшагирии стратегии Ассотсиатсияи сарҳадии Русия :**



Дар рӯзҳои исёни генерал Абдуҳалим Назарзода дар Тоҷикистон машқҳои воҳидҳои низомии кишварҳои аъзои СААД бо муваффақият гузашт. Аммо нерӯҳои кишварҳои узви созмон ба кори дохилии давлат барои ҳалли бӯҳрон дахолат накарданд. Зеро ба нерӯ ва тавоноии ниҳодҳои худи давлати Тоҷикистон бовар доштанд.

Кӯмаки 2 миллиард доллари низомию техникии СААД ба Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки бар асоси қарори сарони кишварҳои узв дода мешавад, як роҳи мусоидат барои ҳимоят аз ин давлатҳо дар ин гуна ҳолатҳо аст. Маълум аст, ки такмилу таҷҳизи низомӣ -техникии ин кишварҳо яке аз роҳҳои муносиб барои таъмини амнияту субот аст.

САДД ба ин ду кишвари узв дар ҳоле ёрии низомӣ-техникӣ мерасонад, ки кишварҳои дигари узв Белорус, Қазоқистон ва Русия ҳам мустақилона нерӯҳои худро тақвият мекунанд ва бо ташкили системаи воҳиди қувваҳои дифоъи зидди ҳавоӣ ва мудофиаи муштараки кайҳонӣ худро ба ҳар навъ таҳдид ва хатарҳои эҳтимолӣ омода кардаанд.

**Барои ташкили СААД имзои қарордоде бо мақсади такими сулҳ, амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳимояти дастаҷамъона аз истиқлоли кишварҳои узв, таъмини тамомияти арзии онҳо дар моҳи майи соли 1992 асос гузошта шуд.**

**Мақоми олии СААД Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ буда, ки он дабири кулли созмонро таъин мекунад.**

**Аз соли 2003 ин вазифаро генерал- полковник Николай Бордюжа бар уҳда дорад.**

Солеҳ ЮСУФОВ

Ҳаёти ҳизб

# ДАР МЕҲМОНИИ СОХТМОНЧИЁНИ РОҒУН

Дар асоси нақшаи тасдиқнамудаи Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ рӯзи 11-уми сентябри соли 2015 дар мавзеи истироҳатии сохтмончиёни НОБ-и Роғун бо иштироки ҳунармандони Муассисаи давлатии Иттиҳодияҳои давлатии гурӯҳҳои эҷодиву ҳунарии назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, оркестри эстрадии "Гулшан" ва ансамбли "Ҷаҳоноро" чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ муовини Раиси ҲХДТ Асрор Латифзода, муовини Раиси ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон шоира Рудоба Мустаҷобова ва раҳбари Маркази таблиғот ва таҳлилии КИМ ҲХДТ Маҳмадулло Наимов иштирок намуданд.

Барномаи фарҳангиро бо суханони ифтитоҳӣ муовини Раиси ҲХДТ Асрор Латифзода ҳусни оғоз бахшид. Сипас, Раиси шаҳри Роғун Шарифҷон Шарифзода меҳмононро хайрамақдам гуфт.

Муовини Раиси ҳаракати Ваҳдати миллӣ шоира Рудоба Мустаҷобова бахшида ба қаҳрамонии сохтмончиёни НОБ-и Роғун шеъри ба тозагӣ эҷодкардаашро қироат намуд.

Баъдан, хунармандон бо барномаи рангини консертӣ хотири ҳозиринро болида гардониданд.

Ҳадафи асосии гузаронидани чунин барномаҳои консертӣ, таҳким бахшидан ба нерӯи равонӣ ва ҷисмонии меҳнаткашон буда, дар боби қавитар гардонидани рӯҳияи худшиносӣ, ифтихори ватандорӣ ва созандагию бунёдкории онҳо, заминаи бозътимоде мегузорад.

Бо истифода аз фурсат андешаи чанд нафарро дар бораи ин чорабинӣ донистан хостем:



**Сайдулло АБУЛҲАЕВ, раиси Кумитаи ибтидоии ҲХДТ дар ҶС НОБ-и Роғун:**



-Таърих исбот намудааст, ки суруду мусиқӣ дар ҳама давру замон ҳамчун эҷоди баланди инсонӣ дониста мешавад ва волотарин эҳсосотро ба монанди дӯст доштани Ватан, эҳтиром ва арҷгузорӣ намудан ба он, ҳифзи марзу бум ва муқаддас донистанашро дар ниҳоди кас бедор мекунад.

Чуноне ки шумо мушоҳида кардед, сохтмончиён ҳар як баромади ҳунармандонро бо кафкӯбиҳои пурмавҷ истиқбол мегирифтанд.Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо ташнаи суруду мусиқианд. Ба назари ман гузаронидани чунин чорабиниҳои фарҳангӣ нерӯбахши тавони кории онҳо гардида, барои кори пурмаҳсул мусоидат мекунад.

**Абдурасул ҲАЛИМОВ, корманди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- Суруду мусиқӣ ҳамқадами ҳаёти инсон аст ва шахс дар лаҳзаҳои фароғат аз шунидани он ҳаловат бурда, ғановати маънавӣ мегирад.



Ибтикори неке, ки Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пеш гирифтааст, ба назари банда айни муддао буда, ба сохтмончиён нерӯи тоза мебахшад.

**Бахтиёр ИБРОҲИМОВ, роҳбари ансамбли давлатии эстрадии "Гулшан":**



- Фараҳманд аз онам, ки зарре бошад ҳам, мо ҳунармандон дар бунёди ин сохтмони азим бо ҳунари худ ҳисса гузоштем. Ғановати маънавӣ бахшидан, баланд бардоштани рӯҳияи сохтмончиён яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мо ҳунармандон мебошад. Маҳз бо ҳунари худ мо тавонистем, ки ба онҳо фароғат бахшем ва онҳоро ба меҳнати ҳалолу самарабахш ҳидоят намоем. Зеро суруду мусиқӣ баёнгари эҳсоси баланди инсонӣ буда, метавонад дар ниҳоди одамӣ нерӯ ва тавоноии азимеро бедор созад. Фирдавсии бузургвор дар ин бобат хуб фармуда:

***Суруди паҳлавӣ***
***бо нолаи чанг,***
***Фиканда шӯри оташ***
***дар дили санг.***

**Дилором САТТОРОВА, роҳбари ансамбли рақсии "Ҷаҳоноро".**



- Барои духтарони ансамбл ва шахсан худи ман ин сафари ҳунарӣ ҷолиб ва таъсирбахш буд. Пеш аз ҳама мо сохтмони ин иншооти асрро аз наздик дидем ва мушоҳида кардем, ки имрӯз давлати соҳибистиқлолу тозабунёди мо оянда накӯ дорад.

Барномаи рақсии мо низ рангин ва ҷолиб буд. Дар фазои рақси духтарони ансамбл сохтмончиён ба ваҷд омада, якҷоя бо онҳо меракқсиданд.

Аз ибтикори Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон шахсан шоду мамнунам ва умед бар он мебандам, ки оянда чунин сафарҳои ҳунарӣ зиёдтар мешаванд.

Тағоймурод ОРИФӢ

# ФАВҶИ МУҲОҶИРАТ



Минбари халқ
16 сентябри соли 2015,
№38 (1017)

## УСТУРАҲОИ АВРУПОРО ШИКАСТ

**Мушкили муҳоҷират имрӯз ба домани кишварҳои Аврупо часпид. Акнун садҳо ҳазор нафар аз кишварҳои нооромии Ховари Миёна ва Африка ба умеди пайдо кардани макони амну оромӣ ба Сербияву Маҷористон, Олмону Австрия ворид шудаву мешаванд. Англия ҳам аз мушкили ворид шудани муҳоҷирони ғайриқонунӣ дар канор намондааст.**

**Бар** асоси гузориши ниҳод ва созмонҳои байналмилалӣ дар чанд соли ҷанги таҳмилӣ дар Сурия беш аз 200 ҳазор нафар кушта шуда ва қариб 4 миллион нафари дигар рӯ ба муҳоҷират овардаанд.

Ниҳодҳое, ки то ин муддат ба масъалаи муҳоҷирати сокинони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ба кишварҳои дигар шабу рӯз гузоришу таҳлилҳо ба нашр мерасонданду ин равандро натиҷаи заъфу сиёсати ба назари онҳо худкомаи давлатҳои ин минтақа маънидод мекарданд, ҳоло дар мавриди фавҷи муҳоҷирон ба Аврупо кам ҳарф мезананд.

Онҳо инро ҳам намебинанд, ки ин муҳоҷирони бечора дар роҳи сафар ба кишвари ободтаре ҷон медиҳанд ва пас аз расидан ҳам мавриди таҳқиру лату кӯби кормандони ниҳодҳои марзбонию амниятӣ қарор мегиранд. Аммо пас аз садҳо мушкилӣ, баробари вориди ин кишварҳо шудан, ба таҳқиру азияти сокинони бумӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Пешгӯӣ мешавад, ки фақат дар Олмон то охири сол теъдоди муҳоҷироне, ки аз мақомоти ин кишвар тақозои дарёфти ҳаққи паноҳандагии сиёсӣ мекунанд, ба 750 ҳазор нафар хоҳад расид.

Дар ҳамин ҳол Иттиҳоди Аврупо ҳушдор додааст, ки ин ҷомеа тавону имкони солона танҳо барои то 180 ҳазор нафар муҳоҷир додани саҳми паноҳандагӣ дар қаламрави худро дорад.

Тибқи хабарҳо, шумораи муҳоҷирон аз кишварҳои Ховари Миёна ва Африқои Шимолӣ дар кишварҳои Аврупо ҳоло аз 5 то 7 миллион нафар буда, вале раванди тозаи вуруди онон вазъиятро ба ҳам задааст. Баъзе аз коршиносон, паёмадҳои ин бӯҳронро барои тамоми Аврупо маргбор дониста, ҳушдор медиҳанд, ки кишварҳои минтақа барои пешгирии оқибати ногувор бояд тадбир ҷӯянд.

Ҳоло танҳо иқдоме, ки ин кишварҳо ба таври фаврӣ мекунанд, кашидани симхорҳо дар марзҳояшон аст. Австрия ба сурати таъҷилӣ дар марзҳояш бо Олмон симхор кашид, Маҷористон, ки кишваре дар роҳи гузори муҳоҷирони суриягӣ ба Аврупо аст, низ 175 километр марзи худ бо Сербистонро бо зудӣ симхорпеч кард.

Мо акнун медонем ( ва лаҳзаҳоеро низ дидем), ки дар Ғарб ҳам инсонҳоро ба навъу ирқу нажод ҷудо мекардаанд.

Он ҳолате, ки як зани наворбардори телевизиони Маҷористон аз шиддати қаҳру нафрат марди муҳоҷиреро, ки кӯдак дар даст дар ҳоли фирор буд, пешпо дода афтонду бо ин ором нашуда, кори наворбардориро як сӯ гузошта, боз чанд тани дигарро роҳравон лагадкӯб кард. Ин хабарнигори маҷорӣ бо номи Петра Лазло агарчӣ дар пайи ифшо шудани ин амали номатлубаш аз кор ронда шуд, вале тавзеҳоти ӯ, ки гӯё барои ҳимоят аз худ чунин рафторро ба муҳоҷирон раво дид, дигар беҳуда буд, чунки бо ин рафтор сирараташ бозгӯ шудааст.

Наворҳое ҳам пахш шуданд, ки ба сӯи муҳоҷирони фирорӣ мисле, ки ба ҳайвоноти паси панҷара ғизо медода бошанд, порае аз хӯрданиҳоро ҳаво медиҳанд ва аз он ки муҳоҷирони гурусна барои дастрас кардани ин пораҳои ба сӯяшон ҳавододашуда бо талвоса талош мекунанд, завқ мебаранд.

Аврупое, ки ба мо таҳаммулгароӣ (толерантность)-ро меомӯзад, сабақи дигаре дод, ки ҳамин муносибати сарду ғайриинсонӣ ба муҳоҷирон аст.

Ин ҳолатҳои марбут ба фирориён ҳамаи он устура (миф)-ҳоеро, ки Ғарб тавассути дастгоҳҳои таблиғотии худ ба мағзҳои мо тайи даҳсолаҳо ҷо кардаанд, ба якборагӣ шикаст.

Маълум шуд, ки нисбат ба муҳоҷирон фақат дар Русия ва ё кадом кишвари дигари Иттиҳоди Шӯравии собиқ рафтори бад намекунанд, балки дар худи Аврупо ҳам агар ин раванд хориҷ аз хоста ва барномаҳояшон бошад, рафтори дурушту ғайриинсониро раво мебинанд.

Шветсия, Дания, Италия ва Англия аз дигар кишварҳои Аврупо ҳам акнун ба мушкили вобаста ба вуруди ғайриқонунии муҳоҷирон ба сарзаминҳояшон рӯ ба рӯ буда, шахсиятҳо ва мақомоти сатҳи мухталиф бо баёнияҳову изҳори назарҳо барои пешгирӣ аз эҳтимоли хатар ва таҳдидҳое, ки аз афзоиши шумори омадаҳо иқтисоду зиндагии мардумонашон рӯ ба рӯ мешавад, ибрози ташвиш мекунанд.

"Фатво"-ҳояшон ҳам ба ҳар шева, вале бо як мазмун дарҳол "содир" шуд: бо фавҷи муҳоҷирон садҳо нафар афроди террористу ифротӣ низ аз Сурия ба Аврупо омадаанд ва аз ҷойи по ёфтани онҳо бояд пешгирӣ шавад!

Дар пайи мушкиле, ки ба сари худи Аврупо афтодааст, шояд сиёсатмадоронаш каме фикр кунанд, ки вазъиятро дар Сурия ва ё ҳар кишвари дигари гирифтори ҷангу хунрезиҳо дар чанд соли пеш кӣ бесубот карду ҳоло кӣ ва чӣ нерӯҳое аз Давлати ба ном исломӣ ҳимоят мекунанд?

Дар худи Аврупо муҳоҷирон имрӯз ба маънои нобудӣ ва ғарқи бесуботиҳо шудани ин қитъа дониста мешаванд. Дар гузашта тамоюли номуносиби рушди нуфус дар Ғарб сабаби роҳ кушодани кишварҳо ба муҳоҷирон будааст. Зеро тамоми кишварҳои сарватманди ин қитъаи замин аз даҳсолаҳо пеш ба мушкили таваллуд рӯ ба рӯ ҳастанд.

Дар гузориши шуъбаи нуфуси Департаменти масоили иқтисодӣ ва иҷтимоии Дабирхонаи СММ сатҳи зоиши кӯдак дар Олмон солҳои 2005-2010 фақат - 0,65, Испания - 0,68, Италия - 0,66, Англия - 0,88, Франсия 0, 95 дарсад зикр шудааст.

Ин нишондиҳанда дар маҷмӯъ, дар тамоми Аврупо 0,78 буда ва дар Аврупои шарқӣ бошад аз он ҳам поинтар - 0,68 дар сад эълон шудааст. Дар ҳоле ки барои рушди муносиб, ба гуфтаи пажӯҳишгарон, ин омор аз 1,00 бояд кам набошад.

Дар ин гузориш тавзеҳ шудааст, ки фақат дар ИМА ин нишондиҳанда дар ҳадди лозим буда, ки аз ҳисоби мизони баланди таваллуд дар хонаводаҳои муҳоҷирони воридшуда аз Америкаи Лотинӣ таъмин шудааст.

Агар дар ин кишвар соли 1980 оилаҳои баромадашон аз Америкаи Лотинӣ фақат 15 миллион нафар буд, пас дар соли 2000 ба 35, 3 миллион нафар расида ва асоси рушди аҳолии Америкаро таъмин намудааст.

Гузоришҳои нав ин воқеиятро бозгӯ мекунанд, ки баъзе аз сиёсатшиносон кам шудани таваллудро омиле барои марги ба тадриҷи Ғарб донистаанд. То рӯзҳои афзоиши фавҷи муҳоҷирон ба Аврупо рушди ҷамъият дар кишварҳои ҳамсояи ин қитъа - Миср 1,34, Туркия 1,01 ва Алҷазоир 1,11 фоиз буду онҳо манбаи асосии таъмини бомароми муҳоҷират ба ин қитъа буданд. Ин дар ҳоле аст, ки аҳолии Миср акнун беш аз 89 миллион нафар, Туркия 73 миллион ва Алҷазоир беш аз 35 миллион нафарро ташкил медиҳад ва бешак то имрӯз имкони интиқолу кӯч бастани теъдоде аз шаҳрвандони дорои қобилияти кор аз ин кишварҳо ба Ғарб хеле зиёд боқӣ мемонад.

Аммо ҳоло раванди ғайри интизори ворид шудани муҳоҷирон аз Сурия ва дигар кишварҳои гирифтори ҷанг ҳолати танзимшударо аз байн бурда ва бинобар ақидаи таҳлилгарон, хатари ҷойгузинии муҳоҷирон бар мардуми бумии ин қитъаро бештар кардааст. Ин назария ҳанӯз дар гузашта аз сӯи муҳаққиқи америкоии равандҳои сиёсӣ Патрик Бюкенен дар китобе бо номи "Марги Ғарб" ("Смерть Запада") баён шуда буд, ки он замон боиси нороҳатии сиёсатмадорони аврупоӣ гардид.

Фавҷи муҳоҷирати сурияигиҳо ба кишварҳои аврупоӣ афсонаҳо дар мавриди худи ҳомиёни номниҳоди ҳуқуқи башар ва бонигарони ниҳодҳои демократия ва озодиро ҳам аз байн бурданист. Дар пайи ин воқеаҳо шояд андаке тасфи нафаси муҷриёни тарҳҳои ғарбӣ, ки бо кӯмаку мусоидати молии созмонҳои тахрибкор ба гӯши мо ин ҳама чиз "дар шумо-бад"- у "дар мо-хуб" гуфта, талқин мекунанд, шояд каме паст шавад? Ё боз ҳам ба мо сабақ дода таҳдид хоҳанд кард, ки ба гуфтаи мо кору рафтор кунед, вагарна ҳолатон бад мешавад?

Ин нуктаро ҳам мешавад ёдоварӣ кард, ки замоне ҳавопаймоҳои паймони низомии НАТО ба сарзамини Либия, кишвари орому ободи Муаммар Қаззофӣ ҳамла карданд, ин шахсияти таърихӣ бо нафрат ба саркардаҳои ҷанг алайҳи кишвараш дар номаи саркушода (моҳи майи соли 2011) гуфта буд: **"Шумо девори муҳоҷират аз Африка ба Аврупоро бомбаборон мекунед, деворе, ки террористони Ал-қоидаро аз ворид шудан ба Аврупо бозмедорад. Ин девор кишвари ман Либия буд. Шумо аҳмақ ҳастед. Барои (роҳ кушодан) ба ҳазорҳо муҳоҷири дар ҳоли ҳиҷрати ғайриқонунӣ аз Африқо, барои ҳимоят аз Ал-қоида билохира, шумо дар оташи ҷаҳаннам бисӯзед. Ва (ба хости Худо) чунин ҳам хоҳад шуд."**

Чунин ба назар мерасад, ки ин дуо ва пешгӯӣ акнун ба воқеият табдил мешавад.

**Солеҳ ЮСУФОВ**



## ҲОҶИЁНИ ТОҶИК ОСЕБ НАДИДААНД

**Бино ба иттилои ситоди ҷумҳуриявии "Ҳаҷ-2015", дар натиҷаи фалокати ахире, ки дар Маккаи мукаррама ба вуқӯъ пайваст, ягон нафар аз ҳоҷиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон осеб надидаанд.**

**Тавре сардори ситоди "Ҳаҷ-2015" - муовини Раиси Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизулло Мирзозода мегӯяд, ҳоло ҳама зоирини тоҷик, ки аз самтҳои Душанбе ва Хуҷанд ба самти Мадинаи мунаввара парвоз анҷом дода буданд, ҳамагӣ дар Маккаи мукаррама қарор доранд ва мунтазам маносики ҳаҷро адо намуда истодаанд.**

**Ёдовар мешавем, ки рӯзи 11 сентябри соли равон дар Масҷид-ул-ҳаром кране, ки ба корҳои сохтмонӣ машғул буд, ба саҳни ҳавлӣ ба болои зоирин афтодааст, ки бар асари ин ҳодиса 107 нафар ба ҳалокат расида, наздики 240 каси дигар ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардоштаанд.**

**Тибқи хабарҳои расида, ҳодиса ҳангоми адои намоз рух додааст, ки яке аз сабабҳои афтодани крани борбардор эҳтимол шамоли сахт ва боронҳои пай дар пай маънидод карда мешавад.**

## ИҚТИДОРИ ҲАРБИИ ЧИН ҒАРБРО БА ТАШВИШ ОВАРДААСТ

**Таҳлилгарони ғарбӣ вусъати тези тавоноии иқтисодӣ ва ҳарбии Чинро яке аз масъалаҳои мураккаби сиёсати байналмилалии қарни 21 меҳисобанд. Аз рӯи ҳаҷми иқтисодиёт имрӯз Чин баъд аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ҷаҳон мақоми дуввумро касб карда, қисми назарраси буҷаи кишвар ба эҳтиёҷоти ҳарбӣ равона карда шудааст. Дар ҳоле, ки тибқи ахбороти расмӣ буҷаи ҳарбии мамлакат имсол 12% зиёд гаштааст, баъзе коршиносон пешгӯӣ мекунанд, ки солҳои наздик он ба ҳадди 40% хоҳад афзуд. Дар гузашти ҳарбие, ки санаи 3 сентябр дар Пекин ба муносибати ғалаба ба Ҷопони милитаристӣ дар Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ доир гашта буд ва дар он сарони бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳузур доштанд, Чин иқтидори ҳарбии худро маърази оламиён намуд.**

**Афзудани иқтидори ҳарбии Чин роҳбарияти ИМА ва Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО)-ро беташвиш гузошта наметавонад. Чиноиҳо такя бар технологияҳои русӣ истеҳсоли навъҳои муосири силоҳи ватаниро ба роҳ мондаанд. Ҳоли ҳозир таҳдиди таҷовузи бевоситаи Чин дида намешавад, аммо кӯшиши он баҳри дар минтақаи Уқёнуси Ором сарварият доштан баръало мушоҳида мешавад.Тибқи гузориши таҳлилгарон, Чин имконияти бомуваффақият иҷро намудани тамоми амалиёти ҳарбӣ дар баҳри кушодро надорад, чун қувваҳои баҳрии он ба миқдори зарурӣ киштиҳои зериобиро доро нестанд. Аммо дар ин самт ӯ метавонад аз кӯмаки иттифоқчии худ-Русия бархурдор шавад. Айни ҳол артиши Амрико қудратмандтарин қувваи ҳарбӣ дар ҷаҳон аст, вале акнун рақибон низ дар ҳамдастӣ метавонанд ба он муқобилият кунанд.**

## ДАР УКРАИНА АНДОЗ БАРОИ САРВАТ ҶОРӢ КАРДАНИАНД

**Президенти Украина Пётр Порошенко пешниҳод кард, ки "аз боигарӣ" андоз ситонида шавад. Дар ин хусус ӯ дар Шӯрои миллииислоҳот иброз дошт, хабар медиҳад котиботи матбуотии президент. "Президент нуқтаи назари худро дар бобати зарурияти роҳандозӣ намудани чунин навъи андоз баён намуд",-гуфта мешавад дар ин хабар. Порошенко қайд намуд, ки сиёсати андозбандии кишвар бояд ба рушди иқтисодӣ мусоидат намояд: -"Натиҷаи ислоҳот бояд чунин сохтори андозбандие гардад, ки барои андозсупоранда осону фаҳмо бошад ва ба талаботи Иттиҳоди Аврупо мувофиқат намояд",-гуфтааст ӯ. Аммо коршиносон ба ин назаранд, ки бисёре аз намояндагони ҳукумати Порошенко сахт дар фасод ғӯтидаву маҳз аз замони рӯйи кор омадани он соҳиби сарват шудаанд ва ин иқдоми президент ба онҳо хуш нахоҳад омад.**

## ОЛМОН НИЗ САДДИ МУҲОҶИРОН МЕШАВАД?

**Олмон бар асари рехтани фавҷи муҳоҷирон дар сарҳади ҷанубиаш бо Австрия назорати муваққатии сарҳадиро ҷорӣ карданист, хабар медиҳад оҷонсии Рейтер такя бар изҳороти вазири корҳои дохилии кишвар Томас де Мезйер. Тибқи суханони вазир, мақсади ин чорабиниҳо маҳдуд сохтани ҳиҷрат ва ба танзим даровардани вуруд ба хоки Олмон будааст. "Мо наметавонем ба фирориён иҷозат бидиҳем, ки озодона куҷоеро хоҳанд, барои зисташон интихоб намоянд",-гуфт ӯ.**

**Тибқи созишномаи Шенген миёни иштирокдорони он сарҳадот кушода аст, вале дар сурати муваққатӣ буданашон метавонанд баъзе намудҳои назорат дар онҳо ҷорӣ шаванд. Моҳҳои охир фавҷи муҳоҷирон ба Аврупо бамаротиб зиёд шудааст. Тибқи омори Созмони Милали Муттаҳид, шумораи муҳоҷирони ғайриқонуние, ки аз кишварҳои Ховари Наздику Африқо ба Иттиҳоди Аврупо омадаанд, аз 348 ҳазор нафар гузаштаанд. Тахмин меравад, ки дар ду соли наздик шумораи муҳоҷирон камаш ба 850 ҳазор нафар хоҳад расид, ки қисми асосии онҳо дар Олмон хоҳанд монд.**

**Азамат ДӮСТОВ**

# Ҳар ки бар душмании халқ равон аст чу баҳр...

**Сайфулло САФАРОВ, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**



- Ин як хиёнати бузурге ҳаст назди давлату миллат, ки бо ягон мизон онро наметавон баркашид. Ин амал аз ҷаҳолату бефаҳмии ин генерал гувоҳӣ медиҳад, ки даст ба ин аъмоли нангин задааст. Хуб, алҳол баҳодиҳӣ дар ин қазия мушкил аст, чун амалиёт алайҳи ин хоинон идома дорад. Зарур аст, ки ҷомеа ба ин вазъи ба амал омада дуруст баҳо диҳад. Албатта, мақомоти дахлдор такя ба қонунгузорӣ ба ин кирдори ҷиноятӣ баҳои худро додаанд, аммо мебояд ҳамагон асли ин масоилро дуруст бифаҳманду сипас баҳогузорӣ намоянд. Баъдан, бояд гуфт, ки он нафароне, ки дар мубориза алайҳи ин ҷинояткорон ҷон бохтаанд, бояд аҳли оилаашон таҳти назорат ва ғамхории давлат гирифта шаванд, чунки онҳо барои осоиши ин кишвар қурбон шудаанд.

**Сайидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон:**



- Афроде, ки монанди ҳоҷӣ Ҳалим бидуни гуноҳе мусалмононро мекушанд, ҷояшон ҷаҳаннам мебошад. ҳоҷӣ Ҳалим фарде дӯзахӣ, хиёнаткор, хизматгори хоҷагони хориҷӣ буда ва Ҳизби наҳзати исломӣ ҳам як ташаккули фитнаангез аст.

Бешубҳа, дар хиёнати гурӯҳи генерал Абдуҳалим Назарзода маъруф ба ҳоҷӣ Ҳалим хоҷагони хориҷияшон даст доранд, ки агар ин амалашонро анҷом намедоданд, барояшон марг мебуд. Ҳоло, ки анҷом доданд, боз ҳам онҳоро марг интизор аст.

Хиёнаткории ҳоҷӣ Ҳалим бори аввал набуда, солҳои 90-уми асри гузашта ӯ ҳамроҳ бо Ҳизби наҳзати исломӣ мардумро ба ҷанг кашида буд. ҲНИТ фатво баровард, ҳар касе майдон набарояд, занаш талоқ мешавад. Бо ҳамин фатво чалламуллоҳо мардумро ба майдон кашиданд, ки дар натиҷа 150 ҳазор нафар ҳалок шуд. Ин ҳама натиҷаи фитнаю найранги ҲНИТ аст.

Дар ҷаҳон ягон ҳизби исломӣ бе хоҷагони хориҷӣ фаъолият намекунад ва мусаллаҳ аст, ки чун кӯмак мегиранд, дар лаҳзаҳои муносибу зарурӣ ин аҳзоб алайҳи уммати Ислом истифода мешаванд.

**Саҳобахон ҲУСЕЙНОВА, узви Раёсати КИ ҲХДТ дар шаҳри Исфара:**



-Ҳар ноором ие, ки сар мезанад, пеш аз ҳама ба дили модарон таъсир мерасонад. Зеро модарон ҳамеша ҷонибдори оромӣ ҳастанд.

Хабари ҳуҷуми мусаллаҳонаро ба қисми низомӣ шунида мо модарони шаҳри Исфара сахт дилгир шудем. Мо ин амали ноҷавонмардонаро маҳкум карда, дигаронро даъват мекунем, ки ба қадри ҳаёти осоишта ба қадри заҳматҳои шабонарӯзии Президенти мамлакат бирасанд.

Мо ҷанги шаҳрвандии таҳмилиро паси сар кардем, ки он бояд барои мо сабақи бузурги таърихӣ гардад. Модарони дар ин ҷанг фарзандгумкарда то ҳанӯз дар фироқи ҷигарбандони ғӯрамаргашон нола мекунанд. Худованд дигар аз ин рӯзҳои сахту сангин нигаҳ дорад.

**Абдулмаҷид ҒАФУРОВ, роҳбари диаспораи тоҷикони Ҷумҳурии Чуваши Федератсияи Русия**



- Аъзои диаспораи тоҷикони Ҷумҳурии Чуваши Федератсияи Русия бо нашри як изҳорот аз рӯйдодҳои ахири дар кишвар ба вӯқуъ омада, изҳори нигаронӣ намудаву ба ин кор дастдоштагонро "хоин" унвон кардаанд, ки мо муҳтавои онро дар зер меорем.

Баъди воқиф шудан аз вазъияти сиёсии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баамаломада, мо ҷаласаи аъзои ҷамъиятро, ки зиёда аз 4 ҳазоранд, доир намуда, масъалаи мазкурро баррасӣ намудем.

Имрӯзҳо баъзе хоинони миллату Ватан боз ба даст силоҳ гирифтаву ба муқобили бародарони ҳамватанони худ бархостаанд, ҳар лаҳза пеши назар ҳамон ҳодисаҳои нангину хунини солҳои 90-ум вонамуд мешавад.

Ин нафарон, аз қабили ҳоҷӣ Ҳалиму дигар ҳаммаслакони собиқи наҳзатиаш боз мехоҳанд, ки халқи тоҷикро ба муқобили ҳам бархезонда, миллатро ба вартаи нестӣ баранд. Аммо тавре мегӯянд: "нобино асояшро як маротиба гум мекунад" ва миллати тоҷик низ имрӯз дигар дӯстро аз душман ба хубӣ фарқ мекунад.

Мо, муҳоҷирони кории тоҷик, нисбати тақдири имрӯзу ояндаи миллату Ватани худ бетараф набуда, аз Ҳукумат ва мақомоти қудратии Тоҷикистон хоҳиш менамоем, ки ҳарчи зудтар аъзои ин гурӯҳи террористиро дастгир намуда, ба фаъолияти ҳизби ба ном исломӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон хотима бахшанд.

**Нурулло НАСРИДДИНЗОДА Маҳмадкул, прокурори шаҳри Истиқлол, мушовири адлияи дараҷаи 1:**



-Вазнинтарин ҷиноят дар назди халқу Ватан ин хиёнат ба давлат аст. Амали ноҷавонмардонаи генерал Абдураҳим Назарзода ва ҳаммаслаконаш мувофиқи моддаи 305 Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон-хиёнат ба Ватан маҳкум мешавад. Лекин тавре ҳамагон огаҳӣ дорем, Прокуратураи генералии ҷумҳурӣ нисбати муовини вазири мудофиаи ҷумҳурӣ Абдуҳалим Назарзода ва ҳаммаслакаш полковник Ҷунайдулло Умаров дар асоси дигар моддаҳо низ -қисми дуюми моддаи 307 Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон-ташкили гурӯҳи ҷинояткор, 309 - диверсия ва 179 - терроризм парвандаи ҷиноӣ оғоз кардааст, ки боварӣ дорам дер ё зуд ин ҳама хиёнаткорон дар назди қонун ҷавоб хоҳанд гуфт.

**Саиданвар КАМОЛОВ, генерали мустафъӣ:**



- Назарзода тани танҳо наметавонист даст ба муқовимат занад. Пас аз таҳлили далелҳои шайъие, ки дар даст ҳаст ва аз таҷрибаи муфаттишии худам мегӯям, ки ба эҳтимоли зиёд, дӯстон ва ҳаммаслакони собиқ ӯро бовар кунонданд, ки "ту оғоз кун, мо ҳама омода ҳастему аз пушти ту мехезем". Як нафар тани танҳо ҳеҷ вақт ин хел ҷуръат намекунад ва ба ин роҳ ҳам намеравад.

Як моҳ қабл бо худи Назарзода мулоқот карда будам. Ҳоҷӣ Ҳалим бо амалкарди охираш кулли гуфтаҳояшро дар мавриди сулҳу осоиштагӣ мисли коҳ ба бод дод ва ман ҳам ин порчаи суҳбатро, ки барои китоби хотиротам омода карда будам, пас аз ин воқеа гирифта канор гузоштам. Вай дар ҳамин мулоқот, ки тақрибан як моҳ пеш буд, ба ман мегуфт, касе нагояд ин амнияту оромии кишварамонро халалдор кунад. Аммо ҳоло мефаҳмам, ки гап дигару кор дигар будааст. Маълум мешавад, ин қабил шахсон ҳамон кинаву адоватє, ки доштанд, аз дилашон берун накардаанд. Ман мефаҳмам, ки ҷомеа бе камбудӣ намешавад, аммо ин маънои онро надорад, ки силоҳ гирифта ба сари миллати худ тир кушоӣ.

Бо итминон мегӯям, ки поёни ин қазия аз ҳоло маълум аст, ки бо маҳв гардидан ба ё бо боздошти ӯ анҷом мёёбад.

**Ҳайдарҷон ЭШОНҚУЛОВ, муовини сардори КВДК "Хадамоти санитарии шаҳри Хуҷанд:**



-Воқеаи ҳуҷуми дастаи генерал Абдуҳалим Назарзода дар шаҳри Ваҳдат ба шуъбаи корҳои дохилӣ ва Вазорати мудофиаи кишварро амали ноҷавонмардона меҳисобам. Ин корро нафароне ба ҷо меоранд, ки сулҳу оромӣ барояшон қадру қимате надорад. Ҳол он ки мо бояд ба қадри сулҳу суботи бо талошҳои пайгиронаву ҷонфидоиёнаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омада, расем ва онро чун гаҳараки чашм эҳтиёт кунем. Ба фармудаи Сайидои Насафӣ:

*Ҳар ки бар душмании халқ*
*равон аст, чу баҳр,*
*Зуд бошад, ки сари хеш*
*чу гирдоб хӯрад.*

**Ш. ҶОНМАМАДОВ, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев**



Истиқлолияти давлатии кишвар барои рушди шахсияти ҳар як шаҳрванд дар меҳвари андешаи миллӣ, фарҳанг ва муқаддасоти миллӣ шароити воқеӣ фароҳам овард. Доираи инкишофи мустақил барои ҳар як шаҳрванд ҳам аз нуқтаи назари сиёсӣ ва ҳам ҳуқуқӣ таъмин карда шуд. Кишвар рӯ ба тараққӣ ниҳода, дар мамлакат сохтмонҳои азими аср дар муддати кӯтоҳ анҷом ёфтанд. Бо мақсади таҳкими давлатдорӣ ва таъмини рушди босуботи кишвар инкишофи муътадили ҷомеа дар доираи раванди конститутсионӣ шарти муҳим мебошад.

Аз ин рӯ, мо бояд кӯшиш намоем, ки ба муқобили чунин зуҳуроти ғаразнок, ки ҷомеаи имрӯзро ба ташвиш овардаст, мубориза барем. Аҳли донишгоҳ фаъолияти гурӯҳҳо ва шахсони алоҳидаро, ки оромии ҷомеа, ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи кишварро халалдор месозанд сахт маҳкум менамоянд. Аз ин рӯ, ба тамоми шаҳрвандон ва фарзандони сарбаланди тоҷик мурочиат менамоем, ки оромии кишварро сарҷамъона дар бархурдҳои ҷаҳонӣ чун гавҳараки чашм ҳифз карда ба хотири муҳофизати муқаддасии ҳаёти инсон аз ҳама гуна воситаҳои зӯроварӣ, фишор, таҳдиду тахрибкории нафарони хиёнаткор эмин нигоҳ доранд. Ва мақсуду маромашонро танҳо дар доираи меъёри қонун ва ҷараёни ҳуқуқӣ ба роҳ монанд.

**Бахтулло АЛИЗОДА, омӯзгор аз ноҳияи Рӯдакӣ:**

- Амали генерал Абдуҳалим Назарзода хиёнате сахт нисбат ба давлат ва миллати мост.

Дар таърих бисёр мавридҳое будааст, ки шахсони дорои ҷойгоҳ ва нуфуз бо мақсади расидан ба мақому мартабаи баландтаре даст ба чунин амали нангин задаанд. Аммо барои кишвари мо, ки ҳанӯз захмҳои аз ҷанги дохилӣ гирифтааш ба дурустӣ шифо наёфтаанд, амали ноҷавонмардонаи ин мақоми ҳарбӣ зарбаи дигар шуд. Таърих сарнавишти чунин шахсонро худ қисмат мекунад.

Вале ба боварӣ метавон гуфт, ки подоши чунин кирдорҳо дар ҷомеаи мо баҳои сазовор мегирад ва барои имрӯзиёну ояндагон сабақ мешавад.

Он чӣ ки ба мардум аз ин амали номатлуб расид, ташвишу сарсониҳои беҷо буд, ки бори дигар чанд рӯз ҷомеаро такон доду ба мардум рӯзҳои сахти гузаштаро ба ёд овард. Хайрият, ки дар натиҷаи ҳушёриву ҷасорати мақомоти амниятӣ ва кормандони вазоратҳои корҳои дохилӣ ва мудофиа пеши роҳи иҷрои ин тарҳи душманона ба зудӣ гирифта шуд. Дар натиҷаи иқдоми бамавриди ин ниҳодҳо дар Тоҷикистон аз як бӯҳрон ва бесуботии дигар пешгирӣ гардид ва кори хайр шуд.

**Юлдошбой ҚОСИМОВ, сокини Хистеварзи ноҳияи Б.Ғафуров:**



-Амну амонӣ ва сулҳу субот баробари дигарон ба мо деҳқонон низ чун обу ҳаво зарур асту онро гиромӣ медорем. Ман дар бораи ҷанги шаҳрвандӣ чизе гуфтанӣ нестам. Лекин меҳоҳам аз воқеаи тирамоҳи соли 1998 ёдовар шавам. Вақте дастаи мусаллаҳонаи Маҳмуд Худойбердиев ба вилояти мо ҳуҷум кард, на танҳо чандин одамони бегуноҳ ба ҳалокат расид, балки нархи наво якбора ба осмон дакка зад. Мавзеи "Панҷшанбе"-и маркази вилоятамон, ки бо нозу неъматҳои фаровонаш вирди забони ҳамагон буд, таи чанд рӯз холиву беодам монд. Мардум ба таҳлука афтода, аз тарси он ки ҷанг шавад, гуруснагӣ мешавад, ҳар чизи ба дасташ омадаро ба қиматиаш нигоҳ накарда, мехариданд. Шукрона, ки ҳамааш паси сар шуд.

Касофати ин ҳуҷуми ноҷавонмардона ҳамон рӯзҳоро оварданаш мумкин аст. Бинобар ин ҳам мо бояд ҳушёриву зиракии сиёсиро набояд аз даст диҳем.

**Абдуазиз ИСМОИЛОВ, донишҷӯй:**



-Ману ҳамсабақонам имсол тавассути Маркази миллии тестии ҷумҳурӣ ба донишкадаву донишгоҳҳои дилхоҳи худ дохил шуда, ифтихор аз он кардем, ки соҳиби номи баланди донишҷӯ шудем. Акнун лавозимоти хонишро харида, дар тараддуди омода шудан ба дарсҳо будем, ки хабари нангини ҳуҷуми мусаллаҳонаи иддаеро ба қисми низомӣ таваssути оинаи нилгун тамошо карда, табъамон сахт хира шуд. Рости гап, ҳайфам ба он гумроҳшудагон омад, ки фирефтаи душманони миллати мо шуда, даст ба ҷиноят задаанд.

Лекин мо ҳамсолону шарикдарсон аҳд кардем, ки ҷавобан ба ғамхориҳои Роҳбари давлат нисбати мо ҷавонон бо баҳи хубу аъло хонда соҳибмаълумот ва мутахассиси хуб ба камол расем. Ва ҳатман ба Ватани ҷонҷонии худ содиқона хизмат хоҳем кард.

саҳ. 8

# Ҳар ки бар душмании халқ равон аст чу баҳр...

саҳ. 7

**Назрӣ АСАДЗОДА, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҳисор:**



-Тазоҳуроти мусаллаҳонаи гурӯҳи ифротгароён дар шаҳрҳои Душанбею Ваҳдат ва муқовиматҳои минбаъдаи бенатиҷаи онҳо дар минтақаи Ромит тӯли даҳрӯзаи аввали моҳи равон талоши ғайриоқилона ва кӯшиши муғризонае буд, ки аз гумроҳии ақидативу маънавӣ ва дарки нодурусти равандҳои сиёсӣ дар дохил ва хориҷи кишвар маншаъ мегирад. Ин тазоҳурот барои ҷомеаи мо бори дигар нишон дод, ки гумроҳии маънавию идеологӣ ҳамеша хатари табдил шудан ба гумроҳии сиёсиро дорад ва гумроҳии сиёсӣ бархеро ба вартаи ифротгароӣ мебарад. Чунин тарзи андешаву тафаккур бо андаке таҳрики эҳсосот метавонад даргириҳоро ба вуҷуд оварад.Соҳибони чунин ҷаҳонбинӣ аз дидгоҳи танги идроки худ ба ҳама равандҳо нигоҳи вожгуна доранд ва зарарро суду судро зарар талаққӣ мекунанд. Ин аст, ки онҳо беибо санг ба сӯи хонаи худ меандозанд ва теша ба решаи худ мезананд.

Ин тазоҳуроти мусаллаҳонаи хунин ва нангин, ки боиси марги даҳҳо нафар ва бесаробонии чандин хонадону ятимии садҳо кӯдакону тифлони маъсум гардид, ба ҷуз кирдори бемантиқ ва амали ифротгароёна чизе нест.Ҷонфидоиҳову аз худ гузаштанҳо бояд ба хотири ободии Ватан бошад, на ба хотири харобии он. Фидокориҳои афроди миллат бояд барои қавӣ кардани пояҳои давлату давлатдорӣ бошад, на ба хотири заъиф кардани он.

Ин низоъ бо дар назардошти шакли тазоҳур ва самти ҳаракати пайравонаш бо эҳтимоли зиёд бидуни таъсиру ҳамкориҳои гурӯҳҳои байналмилалии ифротгаро буда наметавонад. Сару садоҳое, ки дар хусуси даст доштани баъзе аз ниҳодҳои қудратии кишвар дар ташкили низоъи ҳарбии рухдода аз тариқи расонаҳои хориҷӣ ба василаи коршиносону таҳлилгарони онҳо баланд карда мешавад, куллан бемантиқ аст, зеро ба вуҷуд омадани низоъи мазкур метавонад осебпазир будани ҷомеаи моро дар арсаи байналхалқӣ ба намоиш гузошта бозгӯи ноустувории вазъи сиёсӣ ва амну субот дар кишвар бошад. Ҳамчунин ин тазоҳурот метавонад боиси коҳиши эътимоди сармоягузорони бурунмарзӣ ва умуман, инвеститсияи хориҷӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ гардад. Пас бо дар назардошти талошҳои фидокоронаву кӯшишҳои мунтазам ва қатъии Сарвари кишвар паи ба даст овардани ризоият ва сулҳу ваҳдати миллӣ, таҳкими амну суботи сиёсӣ ва ҷалби инвеститсияи хориҷӣ ҷиҳати рушди устувори иқтисоди кишвар чӣ гуна метавон бовар кард, ки тазоҳуроти мазкур як амали барномарезишудаи ниҳодҳои қудратии кишвар бошад. Ин дасисаи дигари ВАО-и бурунмарзӣ ва таҳлилгарони ҳангомасозу манфиатҷӯест, ки ҳатто аз фоҷеа ҳам мехоҳанд ба нафъи худ истифода кунанд.

Бо дар назардошти дар мавқеи бисёр ҳассоси геополитикӣ қарор доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар робита ба шиддати бархурдҳои сиёсӣ дар минтақа ва махсусан моҷароҳои мусаллаҳонаи дохилии солҳои охир гумон меравад, ки афзудани теъдоди кормандони хадамоти амниятӣ дар кишвар як амри зарурист. Илова ба мушкилоте, ки бо сабаби ҷойгиршавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи ҳассоси геополитикӣ ба вуҷуд омадааст, бояд дар мадди назар дошт, ки миллати тоҷик аз қадим рақибони сарсахти сиёсӣ дошту дорад. Мо ҳатто душманони ошкоро ҳам дорем, ки аз бадхоҳӣ ва худкомагӣ мавҷудияти моро ҳамчун миллат инкор карда марзу буму фарҳанг ва тамоми дастовардҳои миллии моро моли худ мехоҳанд ва ҳатто ҳастии моро мехоҳанд дар худ фурӯ баранд.

**Низомҷон МАРАҶАБОВ, вакили мардумӣ дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҷ.Расулов:**



- Дар ноҳияи мо халқҳои тоҷику ӯзбек, қирғизу тотор ва русҳо аҳлонаю тифоқона умр ба сар мебаранд. Хусусан ташрифи имсолаи Ҷаноби Олӣ ба ноҳия, бо дуои неки он кас ба истифода додани Кохи фарҳанг ва пардабардорӣ аз рӯи ҳайкали асосгузори давлати тоҷикон-Исмоили Сомонӣ ба мо сокинони ноҳия рӯҳияву илҳоми тоза бахшида, моро ба меҳнати фидокрона ба хотири ободии Ватан ҳидоят кардааст.

Шахсан ман амали ноҷавонмардонаи гурӯҳҳои ҷинояткорро маҳкум менамоем. Боварӣ дорам, ки интихобкунандагони ман низ ин кори носавобро маҳкум мекунанд. Мо аз ин гуна ҳолатҳои ногувор хулосаи даркорӣ бароварда бояд дар атрофи Роҳбари давлат боз ҳам муттаҳидтар гардем. Баҳри татбиқи ҳадафҳои созандааш кӯшиш ба харҷ диҳем. Танҳо муттаҳидӣ ва сарҷамъӣ метавонад моро аз касофати ин амалҳои носавоб нигаҳ дорад.

**Ҳасан БОҚӢ, адиби ҷавон:**

- Шоири халқии Тоҷикистон устод Муҳаммад Ғоиб мефармоянд:

***Ватан имрӯзи мо,***
***ояндаи мост,***
***Паноҳи мурдаву***
***ҳам зиндаи мост.***



Ба фикрам, ҳоҷат ба шарҳу эзоҳи ин мисраъҳо нест. Зеро хонандаи закӣ худ дарк кард, ки ҳадаф аз ин гуфтаҳои шоир чист. Маълум, мо ба қадри Ватан, соҳибистиқлолӣ бирасем. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид мекунанд, ки шукронаи ин сарзмин кунем, шукронаи хоку обу ҳавои Ватани маҳбубамон кунем. Шукрона кунем, ки мо соҳибдавлатаем. Ҳол он ки дар дунё гурӯҳгурӯҳ халқияту миллатҳое арзи ҳастӣ мекунанд, ки на давлат доранду на сарзамин. Паҳну парешонанд. Масалан, курдҳо аз ҷумлаи сернуфустарин мардуми оламанд, аммо бедавлатанд.

Чун имрӯз мебинем, ки ба ҷои чун гавҳараки чашм ҳифз кардани Ватани азиз ба он хиёнат мекунанд, аз ин тоифа ҳайфам меояд.

**«МХ»**

# ҶАВОНОН АМАЛИ НАНГИНИ ХИЁНАТКОРОНРО МАҲКУМ МЕКУНАНД

## ДАР ДОИРАИ ДАВРИ ЧОРУМИ РОҲПАЙМОИИ АВТОМОБИЛӢ

*Ҷавонони иштирокчии даври чоруми роҳпаймоии автомобилӣ дар шоҳроҳи Душанбе- Ҳисор- Шаҳринав - Турсунзода бо ҳамсолони худ аз ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав ва шаҳри Турсунзода зимни як ҳамоиш амали гурӯҳи ҷиноиро бо сардории собиқ муовини Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҳалим Назарзода мавриди муҳокима қарор дода, амали нангини ин хоинони миллатро қатъиян маҳкум карданд.*



Ҷавонон иброз доштанд, ки чунин амали нангинро, бахусус дар арафаи таҷлили Рӯзи истиқлолияти давлатӣ, ки бо қасди нооором намудану бадном сохтани ҷомеа роҳандозӣ гардидааст, ҳеҷ гоҳ бахшида наметавонанд.

Раиси ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" Абдулло Раҳмонзода зимни суҳбат изҳор дошт, ки бо мақсади сазовор таҷлил намудани ҷашни 24-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ва 3000- солагии Ҳисори Шодмон рӯзҳои 9-10 сентябри соли 2015 даври чоруми роҳпаймоии автомобилӣ дар шоҳроҳи Душанбе- Ҳисор- Шаҳринав- Турсунзода, ки бо сатҳу сифати байналмилалӣ азнавсозӣ гардидааст, бо иштироки зиёда аз 100 нафар ҷавонон аз манотиқи гуногуни кишвар доир шуд.

Ба гуфтаи ӯ, интихоби иштирокчиён ба ин чорабинӣ тавассути шабакаи иҷтимоии Фейсбук сурат гирифта, ҷавононе интихоб гардиданд, ки ҳамчун фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ ба эҷоди фазои иттилоотӣ машғул мебошанд.

Тибқи нақшаи чорабинӣ бо мақсади огоҳии комили ҷавонон аз таърихи бою пурғановати халқи тоҷик ва ифтихор аз фарҳанги қадимаи миллӣ сараввал иштирокчиён бо ҷавонони ноҳияи Ҳисор вохӯрӣ намуда, ҳамдигарро бо Иди истиқлолияти давлатӣ табрик карданд. Сипас сайри якҷояи иштирокчиёни чорабинӣ бо ҷавонони ноҳия дар Қалъаи бостонии Ҳисор, ки таърихи 3000-сола дорад, ҷараён гирифт. Дар рафти боздид аз осорхонаи ин макони бостонӣ ҷавонон аз таърихи шаҳри қадимаи Ҳисор маълумоти саҳеҳ гирифтанд.

Ҳамчунин, ҷавонон аз рафти корҳои омодагӣ ва сохтмони иншооти ҷашнӣ, ки ба муносибати ҷашни 3000- солагии Ҳисор сохта шуда истодаанд, шинос гардиданд, ки боздид аз тарҳи лоиҳаи чойхонаи миллии харбузашакл, ки туҳфаи Президенти мамлакат ба сокинони ноҳияи Ҳисор аст, бисёр хотирмон буд.

Сипас, бо мақсади фаъол намудани онҳо дар самти татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар, аз он ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ иштирокчиён сайри худро дар якҷоягӣ бо ҷавонони ноҳияи Шаҳринав дар ангурбоғҳои ин ноҳия давом доданд. Баъди боздид аз чунин ҷойҳо ҷавонон иброз намуданд, ки дар воқеъ давлату Ҳукумати кишвар таҳти сарварии Президенти хирадманди он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистааст, ки дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ бо роҳи бунёди боғу токзорҳо қадамҳои устувор ниҳода, кишварро аз ҳама гуна вобастагии иқтисодӣ эмин нигоҳ дорад.

Нимаи дуюми рӯзи 9 сентябр иштирокчиён осорхона ва қитъаҳои истеҳсолии Корхонаи алюминии тоҷикро тамошо карданд. Зимни боздид собиқадорони корхона аз ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти ширкат нақл намуданд. Маълум аст, ки Ширкати алюминийи тоҷик яке аз корхонаҳои азим нафақат дар миқёси ҷумҳурӣ, балки берун аз он ба ҳисоб рафта, ба маҳсулоти он дар хориҷи кишвар талабот зиёд аст. Зикр шуд, ки ин корхона дар тақвияти иқтидори содиротии кишвар нақши муассир дорад.

Баъди боздид аз корхона ҷавонон иброз намуданд, ки шиносоӣ бо фаъолияти чунин иқтидори азими истеҳсолӣ боварии онҳоро баояндаи боз ҳам дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол дучанд кардааст.

Бо мақсади тақвияти дӯстию рафоқат баъди анҷоми боздид аз ин корхонаи азими кишвар дар истироҳатгоҳи Ширкенти Корхонаи алюминийи тоҷик байни дастаҳои футболбозони корхона, шаҳри Турсунзода ва дастаи фулболбозони "Созандагони Ватан" бозии рафиқона сурат гирифта, шоми ҳамон рӯз дар истироҳатгоҳ ҳунармандони шаҳри Турсунзода бо барномаи фарҳангӣ хотири ҷавононро шод намуданд.

Санаи 10 сентябр ҷавонон вориди шаҳри Турсунзода гардида, ба хотири пос доштани хотираи Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар пояи муҷассамаи он гулгузорӣ намуданд.

Сипас, дар майдони назди муҷассамаи устод Мирзо Турсунзода ҳамоиши ҷавонон баргузор гардид. Ҷавонон ҳамдигарро ба Иди истиқлолияти давлатӣ табрику муборакбод намуда, бо шукргузорӣ аз сулҳу субот аз ашъори Мирзо Турсунзода дар васфи дӯстию рафоқат шеърҳо қироат намуданд.

Абдулло Раҳмонзода иброз намуд, ки маҷмӯи чорабиниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва варзишие, ки зимни роҳпаймоӣ доир карда шуд, дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон нақши амиқ гузошта, қувваи бузурги онҳоро ба корҳои созандагию ободонӣ равона хоҳад кард.

Раиси ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" дар идомаи суҳбат афзуд, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳонию минтақавӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ аз ҳар як сокини ҷумҳурӣ масъулияти баланди шаҳрвандию миллиро тақозо менамояд. Ҳар яки мо вазифадор ҳастем, ки ба қадри ин дастовард расем, онро аз ҳама гуна хатар ҳифз намоем, бар зидди ҳамагуна зуҳуроте, ки ба истиқлолияти давлатӣ хавф меорад, мубориза беамон барем, аз ҳама гуна таассубу бегонапарастӣ ва тақлиди фарҳанги бегона парҳез намоем. Танҳо дар ҳамин ҳолат метавонем, бо ғурур иброз намоем, ки мо шаҳрванди давлати соҳибистиқлолем ва онро ном Тоҷикистон аст.

Бале, ҳар як фарди бо нангу номуси кишварро лозим аст, ки баҳри таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ атрофи ғояи миллии пешниҳоднамудаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол- Ватани маҳбуби ҳар яки мо" ва сиёсати дурусту хирадмандонаи он боз ҳам муттаҳидтар бошем.

**Алӣ ҶӮРА**

**Муташанниҷ сохтани авзои сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷониби толибону ДИИШ то куҷо воқеият дорад?**

# СААД КАФИЛИ АМНИЯТИ КИШВАРҲОИ АЪЗО



Дар шаҳри Душанбе бо иштироки роҳбарони давлатҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) нишасти навбатии ташкилоти мазкур барпо гардид. Дар ҷамъомад натиҷаҳои раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмони номбурда дар соли равон ва нақшаҳои фаъолияти минбаъда мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Бояд тазаккур дод, ки бо қарори Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ дар доираи СААД дар моҳи майи ҳамин сол санҷиши ногаҳонии омодагии ҳарбии нерӯҳои дастаҷамъонаи зудамали кишварҳои СААД, ки дар қаламрави Тоҷикистон мустақар мешаванд, гузаронда шуд. Чунин амалкард услуби нави тамрини воҳидҳои низомӣ маҳсуб меёбад, ки дар доираи СААД бори аввал сурат мегирад. Теъдоди умумии ҳайати шахсии ин нерӯҳо 20 ҳазор нафар афсару сарбозро ташкил медиҳад.

Дар машқҳои мазкур ба ғайр аз қувваҳои низомии Тоҷикистон як рота аз Ҷумҳурии Арманистон, ротаи махсуси Белорус ва баталони чатрбози ҳуҷумкунандаи Қазоқистон иштирок доштанд. Федератсияи Русия дар ҳайати 500 нафар баталони гурӯҳи тактикии дивизияи 98-уми Қувваҳои мусаллаҳашро фиристода, Қирғизистон бошад, ба тамрини мазкур 2500 нафар сарбозу афсарро ҷалб кард.

Зимнан, интихоби ҷою макон ва ҳадафи санҷиши омодагии низомии нерӯҳои дастаҷамъии вокуниши оҷил тасодуфӣ набуд. Аввал ин ки Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони амниятӣ бо Афғонистон марзи аз ҳама тӯлонӣ дорад. Дуюм, ин ки гурӯҳи қувват гирифтаистодаи Ҳаракати толибон ва давлати ба ном исломии Ироқу Шом дар наздикиҳои сарҳади Тоҷикистон барои тамоми аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ хатарҳоеро эҷод мекунад. Табиист, ки чунин таҳдидҳо барои муташанниҷ гаштани авзои сиёсию иҷтимоии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва қаламрави бузурги давлатҳои узви СААД замина ба вуҷуд меорад.

Мусаллам аст, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ҳампаймоёни он аз ташкилоти ҳарбии НАТО минбаъд ҳам дар Афғонистон боқӣ хоҳанд монд. Теъдоди ҳузури низомии ИМА ва аъзои дигари НАТО дар ҳудуди 13500 нафар тахмин карда мешавад, ки аз ин 11 ҳазораш нерӯҳои амрикоӣ мебошанд.

Аммо дар айни замон вазъияти тамоман дигар ба мушоҳида мерасад, ки барои мисол дар вилояти Форёби наздики марзҳои Туркманистон, ҳамчунин қаламрави ҳамсарҳад бо Тоҷикистон байни толибону нерӯҳои ҳукумати Афғонистон бархӯрдҳои шадид идома доранд. Тибқи маълумоти васоити ахбори омма тақрибан 80 фоизи минтақаҳои сарҳадии Афғонистон таҳти назорати толибон ва Давлати исломӣ қарор дорад.

Хосияти дигари манфии ҳузури мушовирони низомии ИМА ва иттифоқчиёни он дар он зоҳир мегардад, ки дар тӯли даҳ соли будубош онҳо тавонистанд, ки заминаи мусоиди зарбазаниро фароҳам оваранд. Ин ҳолат ба онҳо имкон медиҳад, ки дар муҳлати хеле кӯтоҳ дар наздики марзҳои ҷанубии давлатҳои узви Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ низомиёнашонро ҷобаҷо намоянд.

Гузашта аз ин ИМА ба нақша гирифтааст, ки дар қаламрави Афғонистон ба хотири вусъат бахшидани нуфузаш дар минтақа боз нуҳ пойгоҳи низомӣ таъсис диҳад. Дар чунин вазъият хулоса кардан мумкин аст, ки ИМА метавонад, бо Ҳаракати толибон мувофиқа карда, онҳоро барои ҳамла ба марзҳои Осиёи Марказӣ таҳрик диҳад. Бинобар ин, нерӯҳои дастаҷамъии СААД, Чин, Ҳиндустон ва Эрон бояд фаъолиятҳои худро ба хотири суботи сиёсию иҷтимоии кишварҳои худашон ҳамоҳанг созанд.

Бояд гуфт, ки дар нисбати Осиёи Марказӣ роҳбарияти давлати ба ном исломӣ дар моҳи феврали соли равон самтҳои афзалиятноки мубаризаҳо ва интишори идеологияи худро эълон дошта буд. Ҳадафи онҳо ташкили аморатҳое чун Мағриб, Андалус, Шом, Қафқоз ва дар ниҳоят Хуросон мебошад. Табиист, ки ба аморати Хуросон Эрону Афғонистону ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ шомил карда шудаанд. Аз ин рӯ дар марзҳои минтақаи Осиёи Марказӣ хатари ҷиддӣ вуҷуд дорад, лекин ба назари инҷониб минтақаи мазкур ҳанӯз дар сархати ҳадафҳои ин ташкилот қарор надорад. Зеро ки ДИИШ алҳол дар ду ҷабҳа: Ироқу Сурия масруфи ҷанг аст.

Пӯшида нест, ки дар мубоизаҳои мазкур манфиатҳои Давлати исломӣ боло гирифта истодааст. Ошкоро гуфтан мумкин аст, ки имкониятҳои ташаннуҷи авзои минтақа зиёд ба мушоҳида мерасад. Яқин аст, ки бо дар назардошти таҳдидҳои мазкур ташкилотҳои минтақавии Хадамоти минтақавии зиддитеррористии СҲШ ва СААД вазъияти ба амаломадаро сари вақт дарк намуда, машқҳои низомиро ба маротиб афзоиш доданд ва дар сурати ҳамлаи онҳо ба кишварҳои аъзои ин ташкилотҳо барои вокуниш нишон додан омодагии комил дида истодаанд.

Ҳоло дар сафҳои лашкари ДИИШ теъдоди зиёди шаҳрвандони давлатҳои аъзои СААД ҷангида истодаанд. Тибқи маълумот аз Қазоқистон 300, Тоҷикистон 418, Қирғизистон 350, Ӯзбекистон 200 ва аз Туркманистон 600 нафар дар ҷабҳаҳои ба ном хилофат пайкор доранд, ки чандин нафари онҳо аллакай қурбон шудаанд.

Аммо назар ба маълумоти коршиносони созмони омӯзишию таҳлилии Стретфор шумораи онҳое, ки аз Осиёи Марказӣ дар сафҳои ДИИШ меҷанганд, дар ҳудуди 10 ҳазор рақам зада мешавад. Манбаъҳои асосии таҳдид аз ҷониби ДИИШ кишварҳое номбар мешаванд, ки бо Афғонистон ҳамсарҳаданд. Дар ин саф Туркманистону Тоҷикистон дар ҷои аввал қарор доранд.

Роҳбарияти СААД борҳо изҳор доштаанд, ки барои ҳимояи марзҳои худ, ба вижа сарҳади Тоҷикистон амалан омода мебошанд. Ин ҷо суоле пайдо мешавад, ки Туркманистон худро чӣ гуна мудофиа мекунад, модоме, ки дар эътилофҳои ҳарбии минтақавӣ узвият надорад?

Ашқобод дар моҳи марти соли равон барои кӯмаки ҳарбию техникии мудофиавӣ расондан ба ИМА муроҷиат намуд. Амрикоиҳо бечуну чаро дар сатҳи Сенат ин хоҳиши ҷониби Туркманистонро дастгирӣ карданд.



Дар иртибот ба чунин вазъият пурсида мешавад, ки чаро Ашқобод барои ёрии ҳарбӣ ба Русия нею, балки ба ИМА муроҷиат мекунад? Дар вазъияте, ки Русия ҳам иқтидори бузурги ҳарбию саноатӣ дорад. Ба фикри ман дар ин маврид Туркманистон иқдоми дурандешона ва ҷолиберо роҳандозӣ кардааст. Нахуст бояд розӣ шуд, ки амрикоиҳо дар 14 соли ҳузури низомиашон дар Афғонистон дар бобати мубоизаи зидди терроризм таҷрибаи фаровон андӯхтаанд. Аз ин ҷо табиист, ки онҳо медонанд, дар марҳилаи ҳозираи таҳдид ба марзҳо барои қувваҳои мусаллаҳи Туркманистон кадом намуди муҳимоти ҷангӣ лозим аст. Дуввум, ин тавсеаи майдони иқтисодӣ, яъне ворид шудан ба бозорҳои Аврупо ҷиҳати интиқоли захоири энергетикӣ мебошад.

Ба гуфтаи коршиноси масоили сиёсӣ, сафири пешини Афғонистон дар Югославияи собиқ доктор Азгархейл Мангал таҳдиди мустақим аз Афғонистон сурат намегирад, вале ин маънои онро надорад, ки дар марзҳои Тоҷикистон бесуботӣ ба амал намеояд. Лозим аст, ки сарчашмаи ин таҳдидҳоро ҷустуҷӯ намоем ва мо хуб медонем, ки он Покистон аст. Зеро ки тамоми гурӯҳҳои мухолиф дар ин кишвар паноҳгоҳ ёфтаанд ва ҳар замон ба Афғонистони ҳамсоя ворид мешаванд.

Ҳамин тариқ, СААД маҳаки асосии таъмини амнияту суботи Осиёи Марказӣ мебошад. Таҷрибаи фаъолияти ин ташкилот нишон медиҳад, ки он дар таъмини амнияти Осиёи Марказӣ нақши мусбат дорад. Дар ҳамин замина мо метавонем, хулоса намоем, ки СААД ҷиҳати таъмини суботи минтақа ҳаҷми бузурги корҳоро анҷом медиҳад. Ин ташкилот сарфи назар аз он ки баъзан дар мавриди пешгирии нооромиҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки гоҳо сурат мегиранд, қатъият нишон намедиҳад, лекин қудрате дорад, ки фазои холии геополитикии минтақаи АвруОсиёро пурра гардонад ва дар амри таъмини суботи минтақа нақши бориз дошта бошад.

**Абуфазл СОЛИЕВ,**
*коршиноси сиёсӣ*




# ОЗМУН ҶАМЪБАСТ ШУД

Озмуни ҷумҳуриявии "Библиомарафон" таҳти унвони "Ҳамнишине беҳ аз китоб махоҳ" аз аввали моҳи март то 20 августи соли равон аз рӯи се бахш "Хонандаи беҳтарин", "Китобхонаи беҳтарин" ва "Оилаи китобдӯст" дар шаҳру ноҳияҳо доир гардид. Ҳайати ҳакамони озмун ғолибонро муайян ва барои иштирок дар даври дуюм роҳхат доданд.

Даври дуюми озмун дар Муассисаи давлатии Корхонаи воҳиди давлатии таъминот ва савдои "Китоб" баргузор гардид.

Тибқи нақша рӯзи 2 сентябри соли равон дар озмун аз рӯи бахши "Хонандаи беҳтарин" 16 нафар ғолибони даври якум аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иштирок намуданд ва беҳтаринҳо ғолиб омаданд.

Рӯзи 3 сентябр аз рӯи номинатсияи "Китобхонаи беҳтарин" масъулони шаш китобхона иштирок намуданд. Инчунин ҳамон рӯз аз рӯи номинатсияи "Оилаи китобдӯст" панҷ оила ширкат намуданд, ки ҳама китобхонаи шахсӣ доранд.

Барои иштироки фаъолона дар озмуни "Библиомарафон" ғолибон бо нишони "Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" "Ифтихорнома"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Дипломҳои дараҷаи 1, 2, 3-и озмун, инчунин бо "Шоҳҷоиза"-и озмуни ҷумҳуриявии "Библиомарафон" таҳти унвони "Ҳамнишине беҳ аз китоб махоҳ" ва "Сипоснома"-и Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шуданд.

**Садриддин ҲАСАНЗОДА**

Минбари халқ
16 сентябри соли 2015,
№38 (1017)

# БОЯД АЗ ҚОНУНШИКАНӢ ҶИЛАВГИРӢ КУНАНД

**Нависандаи ин матлаб дар расонаҳо алайҳи ҲНИТ изҳорот пахш карда, фаъолияти онро ғайриқонунӣ хондааст.**

28-уми август аз номи Вазорати адлияи ҷумҳурӣ ба унвони Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) огоҳиномаи расмӣ оид ба қатъи фаъолияти ғайриқонунӣ интишор гардид. Аз ҷумла дар он омада буд, ки тибқи моддаи 3 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ", ҳизбҳои сиёсии кишвар бояд дар аксарияти шаҳру навоҳии ҶТ ячейкаҳои ҳизбии худро дошта бошанд. Вале тибқи 76 санад ва ҳуҷҷатҳои ба Вазорати адлия ирсолгардида, дар 58 шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ячейкаҳои ҳизбии ҲНИТ фаъолияташонро қатъ кардаанд ва аз ин бармеояд, ки ҲНИТ дар ин ҳол дигар ҳизби умумиҷумҳуриявӣ ба шумор намеравад. Бинобар ин, ҲНИТ ҳуқуқи истифодаи мақоми ҳизби сиёсии ҷумҳуриявӣ ва гузаронидани анҷуманро надорад. Ҳамчунин қонуншикании низоми фаъолияти ҲНИТ, аз ҷумла ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ва маросимҳои динӣ, роҳандозӣ намудани таблиғоти динӣ дар рӯзномаи "Наҷот" - и ҳизб, ки бар хилофи қонунгузорӣ аст нишон дода шудаанд.

Аслан, ҳар як ҳизби сиёсӣ пас аз чунин огоҳинома бояд фаврӣ қонуншикании роҳдодаро бартараф сохта, фаъолияташро дар чорчӯбаи қонунгузории кишвар ба роҳ монад. Аммо роҳбарони ҲНИТ чунин наҳисобида, эълон медоранд, ки "ҳатто агар аз осмон санг борад ҳам, ба баргузории анҷумани навбатии ҲНИТ халал намерасонад".

Пас аз чанд рӯз онҳо на танҳо тактикаи радсозии қонунро дигар накарданд, балки рӯирост эълон доштанд, ки ният доранд, ҳатто ғайриқонунӣ ҳам бошад, омодагиро ба гузаронидани анҷуман идома медиҳанд. Бо вуҷуди ин, муовини раиси ҲНИТ Маҳмадалӣ Ҳайит қайд кард, ки Шӯрои сиёсии ҳизб тасмим дорад, ки танҳо интишори ҷавоб ба огоҳиномаи Вазорати адлияи ҶТ-ро кифоя шуморад.

Дар иртибот ба ин, суоле ба миён меояд, ки то чӣ андоза фаъолияти ҳизби сиёсии кишвар, ки дидаю дониста қонуншиканӣ мекунад ва талаботи қонунии мақомоти қудратиро рад месозад, оқилона аст? Алалхусус, агар нақши фоҷиабори онро дар таърихи навини халқи тоҷик ба назар гирем. Дар ин замина, ақидаи сиёсатмадори маъруф Звягелская И. таваҷҷуҳро ҷалб мекунад. Хатари ҲНИТ ба Тоҷикистони муосирро арзёбӣ намуда, ӯ қайд мекунад: "Пеш аз ҳама, бояд дар ёд дошт, ки қонунигардонии ҲНИТ натиҷаи раванди танзими муноқишаҳои сиёсӣ, ки ба доираи кӯшишҳои байналмилалӣ шомил буд, мебошад. Муносибат ба ҲНИТ дар дохили кишвар духӯра буд: ҳизби мазкурро ба он гунаҳгор мекарданд, ки ҳангоми ҷанг он худро ба таври кофӣ ифротӣ нишон дод.

Пас аз ҷанг ин духӯрагии муносибат ба ҲНИТ ба муддати тӯлонӣ боқӣ монд, хеле зиёд хунрезӣ шуда буд. Бисёр одамон дар ин ҳодисаҳо мухолифонро гунаҳгор медонистанд, ки бо низоми мавҷуда муборизаи шадид сар карданд ва ситемаи мавҷударо аз байн бурда, бар ивази он ба халқ чизе надоданд".

Ҳоло дар минтақа радикализми исломӣ ҷавлон мезанад, дар марз бо Тоҷикистон ташаккули ҳарбии созмонҳои террористии байналмилалӣ мутамарказ мешаванд, ки айнан дар соли 1990 ҲНИТ муҳорибаи мусаллаҳона бо Ҳукумати конститутсионии ҶТ бурда буд ва то ҳол масъулони он робитаи зич доранд. Дар ин шароит мақомоти дахлдори Тоҷикистон ба қонуншикании таҷовузкорона ва дағалонаи роҳбарони ҲНИТ чӣ гуна бархӯрд кунанд?

Ба назар мерасад, ки ба қонунгузории ҷории кишвар вокуниш муносиб ва асоснок хоҳад буд: дар саҳнаи сиёсӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мавҷудияти ҳизбе, ки нигилизми ҳуқуқиро инкоркунанда ва ба сулҳу субот ва давлатдорӣ таҳдидкунанда бошад, ғайримумкин аст.

**Сӯҳроб РАШИДОВ**
*Бознашр*
*аз ҳафтаномаи "Фараж"*




# Хиёнати дастпарвари ҲНИТ

Дар арафаи ҷашни 24-умин солгарди Истиқлолияти Тоҷикистон, ки мардуми шарифи тоҷик бо барномаҳои рангин, дар пайи таҷлили он қарор доштанд, фазои мусаффои кишварро якбора ғубори тирае фаро гирифта, намуди идонаи шаҳру деҳ ва табъи болидаи шаҳрвандонро хира сохт. Чӣ нохалафе ба ин кор қодир буд, чӣ нерӯи аҳримание суботи кишварро ба ноором табдил дода, хуни ноҳақи ҷавононро рехт? Кадом ҷинояткоре бори дигар ашки модари тоҷикро резонд? Хиёнат! Хиёнат зери парчами Ислом. Ислом бори дигар аз ҷониби исломгароён сӯистифода гардид. Дар атрофи ин вожа бори дигар амалҳое мисли дуздӣ, авомфиребӣ, куштор ва аз ҳама бадтар - хиёнат ба Ватан рух дод. Хиёнаткор, ки бо ифтихор ба худ лақаби "ҳоҷӣ"-ро гирифта буд, ҳам ба дину ҳам ба Ватан ва ҳам ба миллат хиёнат кард… Ин бор низ дастпарварони Ҳизби наҳзати ислом осоиштагиро халалдор сохтанд.

Хиёнат ва хиёнаткорӣ аз амалҳои зиштеанд, ки башарият аз қадимулайём баъзан туъмаи он гардида, ба шикастҳои андаке ё бузурге рӯ ба рӯ мегардад. Вале, вақте ки хиёнат аз дохил сар бизанад, он мудҳиштарин хиёнат аст. Мутаассифона, Абдуҳалим Назарзода ва ё ҳоҷии хиёнаткор дар Вазорати дифоъ то ба рутбаи генералӣ расида, аз ҳаққи сарбозону муҳофизин баҳри корҳои сиёҳи худ муздурони хоинро тарбия ва маблағгузорӣ карда, дар пайи нобуд сохтани кишвари азизамон будааст.

Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқрори сулҳу ваҳдат пойдории онро маҳкаму устувор гардонида, баҳри ба роҳ мондани ояндаи хушу саодатмандона талош меварзад. Вале ин сулҳу осоиштагӣ ба осонӣ ба даст наомадааст. Маҳз барои устувории оромиш чунин ашхосе мисли ҳоҷӣ Ҳалим ба сохторҳои қудратӣ роҳ ёфтанд. Бо вуҷуди тарбия ва то ба рутбаи генералӣ расонидан, ниҳоди ӯ пок нагардид. Дар сарзамини биҳиштосо бидуни меҳнати ҳаққу ҳалол, бо роҳи қаллобӣ ва авомфиребӣ соҳиби сарвати ҳангуфте гардида, оқибат ба намакдон туф кард.

Мунтазам дар расонаҳои даврӣ табақаи соҳибқалами кишвар аз бедодгариҳо ва харобкориҳои Давлати бо ном исломӣ дар ҷаҳони араб сухан ронда, бехабар монданд, ки дар ҷомеаи мо низ чунин хунхорҳо, бо бароварда сохтани ормонҳову нишондодҳои хоҷагонашон, чун гург дар либоси меш то ҳанӯз фаъолият доштаанд. Мардуми тоҷик то ба даст овардани сулҳу оромӣ рӯзҳои мудҳишеро паси сар карда, беҳтарин фарзандони фарзонаи миллатро, ки баҳри муҳофизати якпорчагии кишвар сина сипар намуда буданд, аз даст доданд. Шояд ононе, ки азми иштирок дар ДИИШ-ро карда, ба Сурия мерафтанд, бо ҳидояту роҳнамоии ҳоҷӣ Ҳалимҳо ин ҷодаро интихоб мекардаанд.

Ақли солим қобилияти дарки чунин зуҳуротеро надорад, ки чӣ гуна шахси дар зиндагӣ таъмин, дар интихоби ду самт - ободиву харобӣ роҳи зиштро қабул мекунад. Дар муқобили хоини миллат сухан аз савганди ҳарбӣ гуфтан ҷоиз нест, зеро ин ду омил аз якдигар тафовути зиёде доранд.

Ҷанг гирдоби бузургест, ки фурӯ рафтан ба он саҳл аст, вале хориҷ шудан амрест маҳол. Ин ҳолатро мо дар кишварҳое, ки дар ҳоли ҷанг қарор доранд, мебинем. Сулҳи тоҷикон неъмати илоҳист, ки бо талошҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба даст омада буд. Бинобар ин ҳам мо бояд онро чун гавҳараки чашм нигоҳ дорем.

Мутаассифона, амали ноҷавонмардонаи ҳоҷӣ Ҳалим талафоти ҷонӣ ҳам ба бор овард ва бо амали дастаҷамъӣ он саркӯб гардид. Бузургон ҳатто дар пайи аъмоли зишт низ ҳикмате меҷӯянд. Гумон меравад, ки ин талоши бесамари ҳоҷӣ Ҳалим аз сӯе хуб шуд, ки сари вақт ба вуқӯъ пайвасту ба зудӣ ноком анҷомид. Вале он метавонист рух надиҳад, агар наҳзатиҳои террористе чун ҳоҷӣ Ҳалим виҷдон медоштанду хоки Ватанро азиз медонистанд. Онҳо бо ду роҳ "садоқат"-и худро ба халқу миллат нишон медиҳанд: ё ба хориҷ сафар карда аз худ ҷабрдида мешуморанд ва ё дар Ватан истода, харобкорӣ мекунанд.

Аз захоири муҳимоти ҷангии онҳо дар минтақаи Ваҳдат маълум мешавад, ки тадорукоташон зиёдтар ва тӯлонитар будааст. Мусаллам аст, ки нақшагузории бузургу барқосо ҳам доштаанд. Вале, тавре ки дар урфият гуфтаанд, "Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад", ҳамин буд, ки тирашон хок хӯрд.

**Маъмури РАСУЛЗОДА**

# МУРОҶИАТНОМАИ

**намояндагони аҳли адаби тоҷики Самарқанд ва диаспораи самарқандиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**Камина, Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ, аз номи аҳли адаби тоҷик ва тоҷикони Самарқанд, ҳамчунин аз номи диаспораи самарқандиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар равшанфикрони Осиёи Марказӣ ва аъзои фаъоли ҷомеаи Тоҷи-кистон аз ҳодисаҳои охири Тоҷикистон тариқи шабакаҳои телевизионӣ ва сомонаҳои интернетӣ бохабар гардида, нигарон шудем. Аз ҳамин лиҳоз, тасмим гирифтем, ки вокуниши худро нисбати ҳодисаҳои 4-уми сентябри соли 2015 баён кунем.**

**Мо дар ин рӯзҳои барои Тоҷикистон ҳассос бетараф нестем. Амалҳои террористии гурӯҳи собиқ ҷонишини Вазири мудофиаи Тоҷикистон Назарзода Абдуҳалимро маҳкум менамоем. Мо гуфтанӣ ҳастем, ки ба қавли мардуми тоҷик "намак-ро хӯрда, набояд дар намакдон туф кард". Назарзодаро нону намаки Ҳукумати ҶТ кӯр мекунад. Зеро то ба рутбаи баланди низомӣ расида, бо истифода аз ин рутба ва мансаби ишғолнамуда соҳиби обрӯ ва эътибор шуда, инчунин сармоя ва молу мулки зиёдеро соҳиб гашта (чӣ тавре ки дар телевизиони Тоҷикистон намоиш дода шуд) ва дигар манфиатҳоро пос надошта, бо ношукрӣ ба ин амали нангин - хиёнат ба Ватан, ҳуҷуми мусаллаҳона ва ба рехтани хуни ноҳақ даст задан, гуноҳи нобахшиданӣ, вазнин ва кабир аст.**

***Шукри неъмат неъматат афзун кунад,***
***Куфр, неъмат аз кафат берун кунад!***

**мефармояд Мавлавии бузургвор.**

**Ҳамзамон бояд қайд кард, ки халқи тоҷик амалҳои хиёнаткоронаи бадкоронро хуб эҳсос менамояд. Муайян ва дақиқ аст, ки дар паси онҳо қувваи ноаён, зери ниқоби Ислом вуҷуд дорад. Онҳо солҳои 90-уми асри гузашта ҳам, ба сари миллати тоҷик фоҷиа бор карда, ҷанги бародаркушро оғоз намуда буданд. Бинобар он, имрӯз ҳам мехоҳанд нақшаҳои ғаразноки худро ба сари халқ таҳмил намоянд.**

**Дар ин ҷо бояд бо сӯзи дил бигӯем, ки акси садои воқеаҳои нангини солҳои навад, ҷанги бародаркушӣ дар Тоҷикистон ва ин рӯйдодҳои ахир ба мо, хусусан ба тоҷикони Самарқанд таъсири ногуворе мерасонад.**

**Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ медонем, ки ҳар чӣ зудтар фаъолияти ҲНИТ-ро дар ҷумҳурӣ қатъ карда, ояндаи дурахшон, субот ва оромии Тоҷикистон таъмин карда шавад. Чунки таҳлили воқеаҳои солҳои 1990 ва 1992-1997 шаҳодат медиҳад, ки агар дар ҷомеаи Тоҷикистон фаъолияти ҲНИТ идома ёбад, омилҳои гуногуни хатарзо ба амнияти мамлакат боқӣ мемонад.**

**Барои мисол, бубинед, ки дар дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ (Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон), ки аҳолии онҳо ҳам мусулмон ҳастанд, бе ҳизби исломӣ рушду нумуъ доранд. Ин таҷрибаро Тоҷикистон бояд истифода барад.**

**Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ**
**ва гурӯҳи адибони тоҷики Самарқанд**



# Бо ҳидояти роҳбар

**Соли 2007 Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд сафари корӣ анҷом дода, ба оғози фаъолияти якчанд иншооти ҳаётан муҳим, аз ҷумла, бинои нави беморхонаи касалиҳои дили вилоят фотиҳаи нек дод. Сардори давлат зимни шиносоӣ бо таҷҳизоти дармонӣ бо мутахассиси ҷавон, ҷарроҳи дил Ҳотамҷон Маҳмудов суҳбат орост.**

**ЗАМОНЕ** фаҳмид, ки ӯ дар аспирантураи Маркази илмии ҷарроҳии дилу шараёни ба номи Бакулеви шаҳри Маскав мехонад, пурсид:

-Баъди хатм дар куҷо кор мекунӣ?

-Ба худи Маркази илмӣ даъват кардаанд,-посух дод Ҳотамҷон.

-Ту баъди хатм ҳатман ба зодгоҳат баргард,-ҳидоят дод Президенти кишвар. - Он ҷо кор мекунӣ, маоши зиёд мегирӣ, ин хуб аст. Аммо Ватанро фаромӯш накунед. Барои халқи худамон хизмат кунед, беҳтар аст. Ман ба роҳбари вилоят супориш медиҳам, дастгирӣ мекунад. Ин ҷо як марказ кушоеду кор кунед.

-Рости гап, суханони Президент маро мутаассир кард, - ба хотир меорад имрӯз номзади илмҳои тиб, сардухтури Маркази ҷарроҳии дилу шараёни вилояти Суғд Ҳотамҷон Ҳомидов.

Баъди бозгашт ба Маскав ба устодам доктори илмҳои тиб, Лео Бокерия Антонич воқеаро нақл кардам, ки ӯ низ гуфт:

-Майлаш, писарам. Рав, барои халқат хизмат кун. Президент дуруст гуфтааст, ки барои халқи худ хизмат кардан боз ҳам хубтар аст…

Ҳотамҷон баъди ҳимояи рисолаи илмӣ баҳри иҷрои ҳидояти Президенти мамлакат бо дуои неки дигар устодонаш ҷарроҳони номӣ Галина Васильева Любачева, Подзоков Владимир Петрович, Мерзляков Владимир Юревич ба Ватан омад.

Марказ соли 2011 ба кор шурӯъ кард, ки мутахассисони соҳибкасб намерасиданд. Вале Ҳ. Ҳомидов ба тарғиботи ҳамшаҳриёнаш доктори илмҳои тиб Обидҷон Деҳқонов, хатмкунандаи ординатураи клиникавии ба номи Бакулеви шаҳри Маскав Абдумалик Солибоев оғоз кард.

Ба қавле тарғибу ташвиқаш таъсир кард, ки дере нагузашта нахуст Обидҷон Деҳқонов ва баъдан Абдумалик Солибоев аз Маскав ба Хуҷанд кӯч бастанд.

Номбурда тибқи маълумоти оморӣ аз оғози фаъолият то имрӯз дар Марказ зиёда аз 600 ҷарроҳии дил гузаронидааст. Фавт аз 100 бемор 3,6%, ки аз рӯи гуфти мутахассисони Раёсати тандурустии вилоят пасттарин нишондиҳанда дар миқёси ҷумҳурӣ аст. Нархи ҳар ҷарроҳӣ тибқи фармони №600-и Вазорати тандурустӣ 26 ҳазор сомонӣ (3,5 ҳазор доллар) аст. Имрӯз бошад, дар хориҷа, аниқтараш дар Маскав ҳар ҷарроҳӣ то 10 ҳазор доллар арзиш дорад. Ба ҳисоби андак таи 4 соли охир 600 млн. сомонӣ маблағи мардуми вилоят сарфа шудааст, ки қариб 3 млн. долларро ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳандаҳоро ба инобат гирифта, соли равон барои таъмиру тармими Марказ МИХД вилояти Суғд 400 ҳазор сомонӣ ҷудо кард, ки алҳол сохтмончиён паи корҳои таъмирӣ ҳастанд.

Дар суҳбати кӯтоҳ бо ҷарроҳони дил, доктори илм Обидҷон Деҳқонов ва номзади илм Абдумалик Саломов ман ба чунин хулоса омадам, ки ин се нафарро воқеан ҳам ҳисси ватандӯстиашон боло гирифта, имрӯз ба халқи худ хизмати содиқона доранд:

-Ман таи 20 сол инҷониб дар Маскав кору зиндагии хуб доштам,-мегӯяд Обидҷон,- фарзандонам дар хориҷа таҳсил мекунанд. Лекин суханони Сарвари давлат, ки ба мо сардухтурамон расонд, сахт таъсир кард ва бо амри дил ба Ватан баргаштам.

Сардухтур маро ба ҳуҷраҳо ҳидоят кард. Духтурон писарбачаи 7 сола Исматулло Гадоевро, ки аз ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон асту се рӯз муқаддам бомуваффақият ҷарроҳӣ шуда буд, аз назар мегузарониданд.

- Падараш дар муҳоҷирати меҳнатӣ буда, модараш бемории руҳист,- гуфт Ҳотамҷон,- амакҳояш оварданд. Ҳолаташ баъди ҷарроҳӣ хуб аст.

Сокини шаҳри Конибодом Ӯктам Маҳмудов дар муҳоҷират гирифтори бемории сактаи дил шуд. Дар Маскав нархи ҷарроҳиро 10 ҳазор доллар муқаррар мекунанд:

-Рости гап, ин миқдор маблағро дар муҳоҷират ёфтан басо душвор аст,-мегӯяд ӯ- шунидам, ки дар Ватани худамон ҷарроҳӣ 3 карат арзон меафтад, ба ин ҷо омадам ва ташаккур барои духтурони Марказ, ки маро бомуваффақият ҷарроҳӣ карданд.

Аз рӯи гуфти сардухтур инсонҳои хайрхоҳу савобҷӯӣ барои ҷарроҳии мардуми камбизоат дасти мадад дароз мекардаҳо кам набудаанд:

-Яке аз онҳо "Хазинаи Турсуной Зокирова" аст,-мегӯяд сардухтур. - Бисёр соҳибкорон омада барои ҷарроҳӣ маблағ мегузаронанду хоҳиш мекунанд, ки номашонро зикр насозем.

Домани фаъолияти Марказ зимнан васеъ мешавад. Агар солҳои аввал дар Марказ ҳамагӣ 1 ҷарроҳ фаъолият мебурд, айни ҳол онҳо 4 нафаранд. Аз 22 духтур 1 нафар доктори илм ва 4 нафар номзадҳои илманд, ки инро аз нигоҳи тахассуснокии ҷомеаи меҳнатии Марказ нишондиҳандаи басо хуб номидан мумкин аст.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ**

# ҲИФЗИ ДАСТОВАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТ - ВАЗИФАИ МУҚАДДАС

**Нақши мақомоти прокуратура дар таҳкими соҳибистиқлолии Тоҷикистон бузург аст. Ҳар як саҳифаи фаъолияти кормандони ин ниҳод фарогир аз лаҳзаҳои сангин иборат мебошанд. Шурӯъ аз ибтидои таъсисёбии давлати соҳибистиқлол кормандони ин ниҳод баҳри иҷрои вазифаҳои хеш содиқона, бо азму иродаи қавӣ ва бо дарки баланди ҳушёрии сиёсӣ дар таъмини волоияти қонун, тартиботи қонунӣ саҳми муҳим гузоштаанд.**

**БОЯД** гуфт, ки таърихи бою куҳан ва интиҳои қарни сипаригарди даи кишварамон воқеаҳои сиёсии бузургеро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми он дар мақому манзалати давлатсозии тоҷикон нақши махсусе доранд. Волотарин дастовард соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатии Тоҷикистон буд.

Мутаассифона, баъди ба истиқлолият расидани мо бадхоҳони миллати тоҷик бо истифода аз роҳандозии бозиҳои сиёсӣ тавонистанд мардуми Тоҷикистонро ба гирдоби мухолифату муқовиматҳои сиёсӣ кашанд. Дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ авҷ гирифт.

Тавре худ медонем, натиҷаи шиддати ҷанги шаҳрвандӣ, аз як тараф таҳдиду фишорҳои гурӯҳҳои силоҳбадаст, аз дигар тараф таҳдиди норасоии маводи хӯрока ва террору кушторҳои пай дар пай мардумро аз зиндагӣ дилсард месохт. Дар ҳамин солҳои ҳассосу даргир кормандони мақомоти прокуратураи ҷумҳурӣ бо роҳбарии нахустин Прокурори генералии давлати соҳибихтиёр шодравон Нурулло Ҳувайдуллоев дар ин роҳи пурхатар мавқеи бетарафиро ишғол накарданд.

Оқибат ва натиҷаҳои фоҷиабори ин ҷанг на танҳо ба шароити сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангии кишвар асари манфӣ расонд, балки ҳазорҳо шаҳрвандони кишварро аз Ватан бе Ватан карда, ҷони ҳазорҳо фарзанди бегуноҳи миллатро бо худ бурд. Агар аз рӯйи маълумоти оморӣ беш аз 800 ҳазор нафар ҳамватанони мо ба ҳайси муҳоҷирони иҷборӣ ва гуреза тарки зодгоҳ намуда бошанд, беш аз 55 ҳазор нафар тифл аз волидайн ва 25 ҳазор нафар зан аз шавҳар ҷудо гардиданд. Мувофиқи маълумоти созмонҳои байналмилалӣ зарари ба иқтисодиёти кишвар асар карда 10 миллиард доллари амрикоиро ташкил медод. 35 700 хонаву манзили зист вайрону валангор шуданд, 300 мактаби шаҳру деҳот, 61 муассисаи соҳаи тандурустӣ ба куллӣ хароб гаштанд, роҳҳо, пулҳо, садҳо иншооти бузурги саноатӣ, нақлиёт ва сохтмон талаву тороҷ ва корношоям гардиданд.

Хушбахтона, дере нагузашта, бар зидди амалҳои аҳриманонаи гурӯҳҳои бегонапараст, нерӯҳои тундрави дохилӣ ва доираҳои манфиатдори хориҷӣ қувваҳои солими ҷомеа рӯйи кор омад. Тахти роҳбарӣ ва ҳидояти пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон роҳи расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллиро, ки мардуми мо онро дер боз интизор буданд, интихоб карданд.

Имрӯз дар назди мо, тоҷикистониён вазифаи муҳим меистад. Барои он ки мо худро аз нобудшавӣ эмин нигоҳ дорем, вазифаи доимӣ ва заҳматталаби ҳамаи мо - кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хоса кормандони мақомоти прокурори кишвар дар муқобили ҳар гуна таҳдидҳои ҷаҳонӣ арзишҳои миллӣ амнияту оромии кишварро таъмин намуда, сатҳи огоҳии ҳуқуқии мардум, хусусан ҷавононро баланд бардорем. Бо чунин азму ирода рӯ оварда, имконияти дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мақом ишғол кардану истодагариро комилан пайдо кунем.



**Муҳаммадвалӣ ШАҲИДУЛЛОЗОДА, прокурори ноҳияи Рӯдакӣ**

Мақомоти прокуратура дар пойдоршавии Истиқлолияти Тоҷикистон барои ошкор кардан ва ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ҷинояткорон ва аъзои гурӯҳҳои ҷиноятпеша корҳои зиёдеро ба сомон расонида, баҳри мӯътадил гардидани вазъи сиёсию ҷамъиятии мамлакат ва ба низом овардани фаъолияти мақомоти давлатӣ замина гузоштааст. Мо, кормандони прокуратураи ноҳияи Рӯдакӣ дар иҷрои ин вазифаи муҳим таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, амри талаботи қонуни мазкурро пурра иҷро карда истодаем.

Мавриди зикр аст, ки як теъдод кормандони масъули мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои Истиқлолияти кишвар бо қимати ҷони хеш дар таҳкиму пойдории он, суботи комили ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ваҳдати комили миллат ҷоннисориҳо аз худ нишон додаанд. Кормандони мақомоти прокуратура дар даврони истиқлолият ҳангоми фаъолияти худ новобаста аз мавҷуд будани мушкилиҳои вазнини замон, бо ҷасорат, дар таъмини назорати иҷрои қонунҳо, решакан кардани ҷинояткорӣ ҷуръату ҷасорат нишон дода, ҷонашонро баҳри ҳимояи Ватан нисор карда, даҳҳо ҳамкасбон дар роҳи истиқлолият қурбон гаштанд. Ҳамин ҷуръату ҷасоратмандии ҳамкорони мо буд, ки барои хизматҳои арзанда ва саҳми онҳо дар таъмини қонуният, тартиботи тарбияи кадрҳо, таблиғи қонунгузорӣ, иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятии давлат бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон як қатор кормандони мақомот ба мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои фахрии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудаанд.

Айни замон кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назардошти дастуру супоришҳои Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон ва тахти роҳбарии прокурори генералӣ баҳри иҷро намудани самтҳои афзалиятноки прокуратура барои ҳимояи ҳуқуқи инсон: баррасии муроҷиати шаҳрвандон ва тафтишу таҳқиқи ҷиноятҳо; назорати риояи қонунгузории замин, андоз; мубориза бо коррупсия, ҳифзи муҳити зист ва санитарию эпидемиологӣ; муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатарӣ; мубориза бо омилҳои терроризму экстремизм; ки дар марҳилаи ҳозираи таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ фаъолияти мақомоти прокуратура эътироф шудаанд, корҳои назаррасе ба сомон расонида мешавад.

Тақдири имрӯзу фардои Ватану миллат ба ҳар як шаҳрванди соҳибиродаву дилсӯзи он вобаста аст. Аз ин рӯ, бояд ҳар яки мо ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пуштибонии амнияти миллию давлатӣ, таҳкими қонуният, сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ, таъмини рушди иқтисодиёт ва ҳадафҳои стратегии созандагӣ, тараққиёти бомароми Ватани азиз ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро аз муқаддастарину волотарин вазифаҳои худ донем.

**Ҳар боре, ки кас бо мақсади тамошо ба Боғи ботаникии шаҳри Хоруғ меояд, манзараи дилнишин, дарахтони мевадору сояафкан, навъҳои гуногуни гулу буттаҳо, селексияи ҳашароту гиёҳҳо ва паррандагон кайфият бурда, албатта аз осорхонаи ин мавзеи дилрабо, боргоҳи илму пажӯҳиш ҳам дидан мекунад.**

# ИНСОНИ КОМИЛ - ОЛИМИ ҲАМАДОН



Дар даромадгоҳи осорхона назари кас ба аксу фаъолияти илмии ходимону олимони Пажӯҳишгоҳи биологии Помиру Боғи ботаникӣ, ки дар кашфи илми ботаникаю биология дар ин ҷо тадқиқоти илмӣ ва заҳмате ба харҷ додаанд, меафтад.

Дар қатори ин суратҳо акси номзади илми биологӣ, дотсент Мирзо Назаров низ ҷой дода шудааст, ки солҳо дар ин ҷо корҳои илмӣ бурдааст.

Боре дар як нишаст оид ба кушодани асли маънои калимаи "зрав" байни чанд нафар зиёиёни зодаи Бадахшони муқими шаҳри Душанбе баҳс ба миён омад. Нигорандаи ин сатрҳо, ки дар он нишаст ҳузур дошт, калимаи "зрав"-ро рӯди сероб ё кӯли калон маънидод кард. Бори нахуст ин калимаро дар ашъори насрии Ҳаким Носири Хусрав дучор омадам. Албатта, шакли дурусти он "зирав" буда, садоноки "и" дар байни ҳарфҳои "з" ва "р"-и забони шуғнонӣ кӯтоҳтар талаффуз мешавад. Ҳамоно ҳамсуҳбатон ин маъноро ҳам қобили қабул надонистанд. Иддае ҳатто ин вожаро ғайри забони тоҷикӣ-форсӣ гуфтанд. Устоди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Назаралӣ Борониев, ки дар миёни ин суҳбат буд, телефонӣ ба як нафар, ки бо эҳтиром муаллим ном бурд, мавзӯи баҳсро ба ӯ расонд. Пасон, овози телефони кисагиро баланд кард. Аз он тараф овоз омад, ки вожаи "зирав" дар забони шуғнонӣ, махсусан дар лисони сокинони водии Шоҳдара серистеъмол буда, рӯдро ҳамин хел ном мебаранд. Ин вожа решаи тоҷикӣ-форсӣ дошта, маънои оби зиёди дар як ҷо ҷамъомадаро дорад.

Бо шунидани ин ҷавоб шефтаи забондонии ин марди шариф шудам. Муаллим Назаралӣ Борониев шахсияти ин олими ҳамадонро ба ман муаррифӣ кард. Ин марди оқил мудири кафедраи фармакогнозия ва ташкилу иқтисодии фарматсияи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, номзади илми биология, дотсент Мирзо Назаров буд. Вақти дар шаҳри Душанбе буданам имконияти дидор бо Мирзо Назаров даст надод.

Хушбахтона, тобистони соли ҷорӣ бо ин олими варзида дар шаҳри Хоруғ вохӯрдам. Шарҳи ҳоли ишонро аз забони мубаракаш шунидам.

Ҷуфти муносибашро ҳам дар айни ҷавонӣ аз Хоруғ интихоб кардааст. Бо забони шуғнонӣ бе лакнат такаллум мекунад. Баҳори умраш ба 75 расидааст у ҳанӯз солим аст, бардам гом мезанад, қувваи бинишу шунавоиаш қавӣ. Аксарияти одамони номдори Бадахшонро бо аслу насабаш медонад. Қарияҳоро аз Дарвоз сар карда, то саргаҳи Мурғоб аз ёд гуфта, қисми зиёди номи маҳалро бо маънояш тасниф мекунад.

Мирзо Назаров Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро соли 1961 бо ихтисоси биолог - ботаник, бо баҳои аъло хатм карда, ҳамон сол ба аспирантура дохил мешавад. Соли 1964 пас аз хатми аспирантура аввал муаллим, баъд муаллими калони кафедраи ботаникаи ин донишгоҳ шуда, соли 1970 рисолаи номзадиашро ҳимоя мекунад.

Алҳол аз рӯи мавзӯи "Флораи шифоии Тоҷикистон ва истифодаи бомаърифатонаи он" кори илмӣ мебарад.

Аз соли 1971 дар Пажуҳишгоҳи биологии Помири АУ ҶТ аввал ба ҳайси корманди калони илмӣ ва аз апрели соли 1972 то моҳи феврали соли 1976 ҳамчун мудири сектори геоботаникаи таҷрибавӣ кор кардааст. Аз феврали соли 1976 то ноябри соли 1978 корманди калон, котиби илмии сексияи чоруми Маркази тадқиқотию истеҳсолии "Природа"- и Саридораи геодезияю картографияи назди Шӯрои вазирони СССР ва аз моҳи ноябри соли 1978 дотсенти кафедраи биологияи Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон шуда кор мекунад. Аз соли 1983 дотсенти кафедраи фармакогнозия ва технологияи дорусозӣ ва аз соли 1986 дотсенти кафедраи фармакогнозия ва ташкилу иқтисоди фарматсия сипас дар вазифаи мудири ҳамин кафедра фаъолият дошт.



Аз дарсҳои назарию амалии биология, ботаника, захирашиносӣ ва агробиотехнологияи рустаниҳои шифоӣ ба донишҷӯён таълим медиҳад ва беш аз 35 рисолаи дипломиро роҳбарӣ кардааст. Дар давоми фаъолияти корӣ ӯ аъзои комиссияи таълимии курси якуми факултаҳои муолиҷавӣ, педиатрӣ ва дандонпизишкӣ буда, инчунин иҷрокунандаи вазифаи декани донишҷӯёни хориҷӣ будааст. Устод Мирзо Назаров узви ҳайати комиссия роҷеъ ба ташкил кардани факултети фарматсевтӣ, ҷонишини раиси Назорати халқии ДДТТ, ҷонишин, пасон раиси комиссияи методии факултети фарматсевтӣ буд. Аз моҳи июни соли 2005 ба ҳайси директори Маркази илмӣ таҷрибавӣ ва истеҳсолии дорусозии назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Ин машъалони фурӯзон, ки худ месӯзанду ба дигарон рӯшноӣ мебахшанд, дар ҷомеа каманд, дониши онҳоро доимо истифодаю заҳматашонро қадр бояд кард.

Ба фармудаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ:

***Асли кас аз кас набошад кам,***
***чу ҷумла з-одаманд,***
***Лек ҳар кас ҷавҳари илм аст,***
***вологавҳар аст.***

**Ҷ. ҚОЗИБЕКОВ**

Ду номаи бетаҳрир

**Ба таваҷҷуҳи Суди Олии ҶТ**

# Ба додам расед!

**Ман, аз соли таваллуд (1963) то инҷониб дар ҳавлии падару модарам як ҷо зиндагӣ менамудам.**

**Мо ҳамагӣ аз як падару модар 8 нафарем. Фарзандон ба ғайри ман ҳама соҳиби хонаю дари алоҳида буданд. Онҳо ҷудо аз падару модар дар дигар маҳалла зиндагӣ мекарданд. Нигоҳубини падари кӯрам ва модари пирам ба уҳдаи ман буд. Аз тарафи бародарони ман ягон хел кумак намерасид. Бародари даъвогари ман (Раҷабов Абдурашид) аз соли 1987-ум инҷониб то соли 2011-ум дар дигар маҳалла зиндагӣ менамуд.**

**Аз қайди дафтари хоҷагӣ худ ва аҳли оилаашро бовар-да буд. Вақте ки модар ва бародари пирам аз дунё гузаштанд, аз байн 14 сол гузашт ва аз рӯзе, ки ҷудо аз падару модар зиндагӣ менамуд, 24 сол гузашта буд.**

**Дар соли 2011-ум бо ариза ба суди ш.Ваҳдат муроҷиат намуда талаби хонаи падар кард. Афсӯс, ки давоми 24-сол боре ҳам ёди падару модари пирро накарда буд.**

**Падару модари пир муҳтоҷи нигоҳубин буданд. Муҳтоҷи хӯроки гарму сару либоси тоза буданд. Дар солҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ ба ёди бародаронам намерасид, ки падари пиру кӯр ва модари пирам муҳтоҷи як коса хӯроки гарм ҳастанд. Вале баъди гузаштани падару модар дар фикри гирифтани хонаи падар шуд. Ман, ки ҳамроҳи падару модар якҷо зиндагӣ менамудам, баъди дафни онҳо, аниқтараш баъди 14 соли вафоти падарам ва баъди 1 солу 8 моҳ гузаштан аз вафоти модарам бо қарори ҷамоати деҳоти Симиганҷи ш. Ваҳдат маро сардори оила гузарониданд, бо дарназардошти ин ки то дами марги онҳо парасторӣ ба зиммаи ман буд. Бародари ман баъди 14 сол гузаштан аз вафоти падарам дар соли 2011 ба суди ш. Ваҳдат бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намуда, талаби меросро кард. Ҳол он ки қонунгузорӣ муҳлати қабули меросро шаш моҳ муайян намудааст.**

**Суди ш. Ваҳдат бошад дар намояндагии судя М. Одинаев бе ягон асоси узрнок даъвои Р. Раҷабовро қонеъ намуд, бо ивази пора. Қонунро қонундон суди ш. Ваҳдат паймон намуда, чи тавре, ки дилашон хоҳад, хулосаашонро мебароранд.**

**Судя М. Одинаев бошад, дар мурофиаи судӣ ба ягон намояндаи корхонаҳои давлатӣ, ки баромадашон оиди дар чорчӯбаи қонун будани ҳуҷҷатҳои мероси қабул намудаи ман буд, эътибор намедод ва ҳатто худро ба нодонӣ мезад.**

**То ин дараҷа сӯистифода аз мансабро дар идораҳои боломақом надида гирифта чунин қонуншиканиро боз дастгирӣ менамоянд, ки сафи чунин пораxӯрҳо авҷ гирифта истодааст.**

**Ман дар ҳаёт азоби бисёр кашидаам, ба хотири нигоҳубини падару модари пирам шавҳар накардаам, фарзанд надорам, сарпараст надорам, бар замми ин ҳимоятгари ман (ҳамсабақи судя М. Одинаев) аз ман барои ҳалли масъалаи меросӣ пули калон пурсид, вале ман хоҳиши ҳимоятгар Пиров Бобохонро рад намудам, чунки ман чунин пул надоштам. Вале даъвогар бо ивази пули калон масъалаи меросиро ба фоидаи худаш ҳал намуд. Бо маслиҳати пешакӣ бо судя М. Одинаев дар замини тақсимнашуда бе иҷозати архитектураи ҳукумати ш.Ваҳдат хонаи сеошёна сохтааст. Ман бошам то ҳол дар хонаи падарам, ки сохти солҳои 60-ум мебошад, зиндагӣ мекунам, вале хона дар ҳолати садамавӣ қарор дорад. Даъвогар бошад, хонаро дар болои ман чаппа карда истода аст, ба ивази 50 сол нигоҳубини падару модар. Шумо худ қазоват кунед, ки дар ин синну сол ман ба куҷо баромада равам ва додамро ба кӣ гӯям? Илтимос, аризаи маро дида бароед. Хоҳиш мекунам.**

**Ба панҷ ҳуҷҷати қонунӣ, ки ман дар даст дорам, касе эътибор намедиҳад.**

**Раҷабова Саодат Маноновна**

*1.Қарори ҷамоати деҳоти Симиганҷ ш. Ваҳдат;*

*2.Справкаи КФБТ. Техникаи ҳавлидорӣ;*

*3.Нотариуси давлатӣ. Шаҳодатномаи қабули мерос;*

*4.Сертификати истифодабарии замин;*

*5.Авфи молу мулк бо қарори Ҷаноби Олӣ соли 2007.*

**Саодат РАҶАБОВА**

# БЕХОНААМ КАРДАНД

**Аз мушкилоти зиндагӣ ва ноадолатиҳои рӯзгоре, ки ба мани бечора ва як зани бесаробон омадааст, қалам ба даст гирифтаам. Ман соли 1989- бо Юсупов Тоҳир, сокини ш. Ваҳдат хонадор шуда, аз зиндагии якҷоя бо пешбурди хоҷагии умумӣ соҳиби ду нафар фарзанд мебошем. Зиндагии оилавии мо бо падару модари шавҳарам хуб буд. Соли 1991-ум, падари шавҳарам ва соли 2007- модари шавҳарам вафот намуданд. Мутаассифона, пас аз чор моҳи вафоти модар шавҳарам ҳам 23 майи соли 2007 аз беморӣ вафот кард. Пас аз вафоти марҳум шавҳарам ва модараш идораи нотариалӣ ш.Ваҳдат манзили истиқоматиамонро 29-уми январи соли 2008 таҳти феҳрасти рақами 6 Н-11, ба номи писарам Зоири Тоҳирзода ҳамчун мерос қонунӣ кард. Ин мероси писарам ба хоҳари шавҳарам ва ба писарони амаки шавҳарам хуш наомад, чунки пас аз марги шавҳарам ману ятимонамро ронданӣ будаанд. Онҳо бо аризаи даъвогӣ ба суди ш. Ваҳдат муроҷиат намуданд. Аммо суди зинаи якум таҳти раисии Дӯстов Д. 21 июли соли 2008 даъвои онҳоро рад намуд. Онҳо ба ин ҳалнома қонеъ нашуда, бо аризаи даъвогӣ ба суди кассатсионӣ рафтанд. Суди Олӣ, даъвои онҳоро баррасӣ намуда, ҳалномаи суди зинаи якумро бе тағйир гузошт. Онҳо боз ба суди ш. Ваҳдат бо ҳамон мазмуну даъво муроҷиат карданд. Суд таърихи 11-12 с. 2009 таҳти раисии Қурбонова масъаларо баррасӣ карда, бар асоси даъвои Юсупова Зоя нисбати писарам Зоири Тоҳирзода ҳаққи ӯро ба мерос қатъ намуд. Мо аз ин ҳалномаи ғайриобъективонаи онҳо розӣ нестем, зеро хоҳари шавҳарам дар 2 ҷой хона дорад, ба ӯ хона лозим нест. Хонаи моро гирифта ба писари амакаш дод. Баъди ҳалномаи Қурбонова ману ятимонам сарсону саргардон, ҷойи зист надорем. Қурбонова, ки манфиатдор буд, моро аз хонае, ки тайи 28-сол зиндагӣ доштем, пеш кард. Ману ятимонам аз ин хел корҳои судяҳои бевиҷдон хаста шудем. Аз шумо хоҳиш дорем, ки сари роҳи ҳамин хел бевиҷдононро гиред. Ба ятимони ман дасти ёрӣ дароз кунед, то ки онҳо ҳам дар қатори дигар ятимоне, ки давлат ва ба хусус Президенти муҳтарам сари онҳоро сила намуда нигоҳбин мекунед, худро дар қатори онҳо ҳис намоянд.**

**Зикамоҳ АЛИЕВА, сокини шаҳри Ваҳдат, кӯчаи С. Шерозӣ 3 "б"**



**Ба хотири инъикоси истиқболи ҷашнвораҳои 700-солагии мутафаккири Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 70-солагии Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Пойтахти фарҳангии Иттиҳоди давлатҳои мустақил эълон гаштани шаҳри Кӯлоб, бо супориши идораи ҳафтанома ба шаҳри бостонии Кӯлоб сафар намудам. Дар ин рӯзҳо шаҳри Кӯлоб воқеан ҳам як шаҳри фарҳангиро мемонд. Ба ибораи, ид болои ид буд. Хиёбонҳои шаҳр пур аз одам, гӯиё ҳама ба тамошои шаҳр баромада буданд.**

ба машом мерасид. Ҳатто, дар миёни хонандагони макотиб афроди майлпайдокарда ба ин ҷараёнҳои иртиҷоӣ ба чашм мерасид ва дар дасти онҳо васиятномаву насиҳатномаи аз он дунё гӯё фиристодаро медидем ва ба ҳамин тартиб пеши роҳи ин зуҳуроти номатлуб низ гирифта шуд".

# ПОРАЕ АЗ ҲАЁТИ ЯК МОДАР

Аз рӯи одат ва анъанаи неки тоҷикӣ маро ба хонадони яке аз оилаҳои намунавии шаҳри Кӯлоб ба меҳмонӣ даъват намуданд. Чароғи ин хонадон Аслбӣ Шарифова, ки бисёр ҳам як зани ҳалиму меҳрубон будааст, "хуш омадед" намуда, як чойник гиёҳчойро оварда рӯи мизи хӯрокхӯрӣ гузошт ва аз он ба ман як пиёла дароз намуда, гуфт; "Бачаҷон, Шумо аз роҳи дур омадаед аз ин чой гиред, хастагиро рафъ мекунад. Худатонро заррае нороҳат ҳис накунед, тасаввур кунед, ки дар хонаи худатон ҳастед".

Аз суҳбат бо Аслбӣ Шарифова ҳис намудам, ки ӯ як зани ватандӯсту меҳнатқарин аст ва бо истифода аз фурсати муносиб дастгоҳи сабти овозро ба кор даровварда, суҳбатро бо ӯ идома додам.

Муаллима зимни шиносоӣ шӯхиомез гуфт: "Ман аслан зодаи кӯҳистон ҳастам". Ӯ соли 1940 дар деҳаи Боғгаии Поёни ноҳияи Мӯминобод, дар оилаи Шарифхӯҷа Раҳимов - котиби комиҷроияи ноҳияи Дарвоз таваллуд шуда аст. Дар он шабу рӯз падараш бо супориши ҳизб барои кор ба водии Кӯлоб меояд. Муаллима маълумоти миёнаро дар ноҳияи Мӯминобод ва дар шаҳри Кӯлоб аз бар мекунад. Ба хотири он ки ӯ яке аз толибилмони пешқадами мактаби ибтидоӣ будааст, як сол қабл аз хатми мактаби миёна (соли 1954) соҳиби номаи камол мегардаду ҳамзамон ҳуҷҷатҳояшро ба Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб супорида донишҷӯ мешавад. Тавре А.Шарифова нақл мекунад, "он солҳо на ҳама барои идомаи таҳсил ба духтарҳо иҷозат медоданд. Ман ҳамеша хоҳиши таҳсил карданро доштам ва раҳматии падарам маро дастгирӣ мекарданд, ки таҳсилро идома дода, илм омӯзам". Муаллима омӯзишгоҳро бо дипломи сурх хатм намуда, бо тавсияи наздикон, вале бо дили нохоҳам ҳуҷҷатҳои худро ба факултети физика ва математикаи Институти педагогии шаҳри Кӯлоб ҳозира Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ месупорад. Тавре худи ӯ қисса мекунад; "Росташро гӯям, гарчанде ки шахсони наздиктаринам тавсия дода буданд, ки таҳсилро дар факултети физика ва математика идома диҳам, аммо ҳуҷҷатҳоямро бо дили нохоҳам ба он ҷо супоридам, зеро бисёр мехостам, ки дар риштаи забон ва адабиёт таҳсил кунам. Вале ба бахти ман худи ҳамон сол институтро бастанд ва баъд аз як сол дубора ба фаъолият оғоз карду ман ин навбат бо хоҳиши худ ба факултети забон ва адабиёт дохил шудам".

Акнун давраи донишҷӯӣ барои Аслбӣ Шарифова воқеан ҳам як давраи тиллоиро мемонд. Зеро вақте ӯ маротибаи аввал ба факултети физика ва математикаи Институти педагогии шаҳри Кӯлоб ҳуҷҷат месупорад. Шариф Раҳмонов, декани ҳамонвақтаи факултети мазкур бо як нигоҳ ба вай дил медиҳад, ки на як бору дубор, балки ҳафт маротиба ба хонаи онҳо хостгор мефиристад. Чунончи муаллима нақл мекунад; "Муаллими Шариф солҳои дар омӯзишгоҳ таҳсил намуданам, ба ибораи маро таги чашм кардааст, инро баъд аз хонадоршавиамон қоил шуд. Ӯ ҳафт маротиба волидайни худро ба хонаи мо фиристод ва бо хости Худо оила барпо намудем".

Дар омади гап пурсидам, ки маросими хонадоршавиятон чӣ тавр сурат гирифт? Муаллима лабханд зада, гуфт; "Тӯйи мо хеле ҷолиб хотирмон гузашта буд, ки ҳеҷ аз хотирам намебарояд. Тобистони соли 1959, пас аз хатми омӯзишгоҳ тӯйи шуда будам. Он солҳо мисли ҳозира мошинҳои зебову гаронарзиш набуд. Маро ба мошини калон (бортавой) буданд. Шодравон Одина Ҳошим даъватӣ буд, ки ҳамон солҳо дар байни мардум маҳбубият пайдо карда буд". Чун муаллима рӯзҳои рафтаро пеши назар оварда нақл мекард, бо завқ ханда карда гуфт; "Як ҳодисаи аҷиби дигар низ ҳеҷ аз ёдам намеравад. Вақтҳои пеш хешу табор ҳамчун ҳадяи тӯй буз ё гӯсфанд меоварданд. Хешу табори домод тахминан 7-8 буз меоранд, бародари шавҳарам, ки бисёр як марди шухтабиат буд, ҳамаи бузҳоро ба моли қишлоқ якҷоя мекунад. Бегоҳӣ ягон буз ба хона барнамегардад ва ба ману шавҳарам шӯхиомез гуфтанд, ки "таёқу чароғро гирифта ба бузковӣ бароед".

Муаллима мегӯяд, ҳамаи бурду бохташро аз раҳматии шавҳараш мебинад ва дар зиндагӣ ӯро роҳкушову роҳнамои худ медонад. Ӯ ба шавҳраш "Муаллим" гуфта муроҷиат мекардааст. "Бовар надоштам, ки пас аз ба шавҳар баромадан таҳсилро идома медиҳам, зеро гумон мекардам иҷозат намедиҳад. Хушбахтона, инхел нашуд. Агар муаллим одами нофаҳму каҷрав мебуд, барои сабзидани ман имконият намедод. Ӯ дар тамоми бурду бохти ман саҳм дорад, зеро бар заммаи серкор буданаш дар корҳои хона ва таълиму тарбияи фарзандон ба ман кӯмак мекард. Мо бештар дар таълиму тарбияи фарзандон аҳамияти ҷиддӣ медодем ва падарашон дар ин масъала бениҳоят сахтгир буданд". Маҳз ҳамин таваҷҷӯҳу сахтгириҳои волидайн буд, ки шаш фарзанди ин хонадон-Фирӯза, Бахтиёр, Сурайё, Наргис, Суханоро ва Содиқҷон соҳиби маълумоти олӣ гашта, имрӯзҳо ба халқу ватани худ содиқонаву софдилона хизмат карда истодаанд.

Аз гуфтаҳои муаллима воқиф шудам, ки замони Шӯравӣ дар водии Кӯлоб қариб тамоми боғчаҳои бачагонаро занҳои рус идора мекардаанд. Аслбӣ Шарифова, ки дар ин шабу рӯз, аллакай ба як зани пешқадами ҷомеа табдил ёфта буд, бо тавсияи Мирзо Бегматов ва Оиша Сарварова роҳбарони вақти кумитаҳои иҷроияи вилоят ва шаҳри Кӯлоб мудири боғча таъйин шуд. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ бо кордонии худ исбот кард, ки занҳои тоҷик низ аз уҳдаи ин гуна корҳо мебароянд. Ва ӯ аз соли 1967 то 1975 дар ин вазифа кор кардааст. Баъдан то соли 1980 дар китобхонаҳои вилоятӣ ва чанд мактаби дигари водии Кӯлоб фаъолият карда, дар ҳама чорабиниҳои хурду бузурги шаҳриву вилоятӣ фаъолона иштирок мекард. Ҳамин тариқ, соли 1980 Аслбӣ Шарифова муовини раиси комиҷроияи шаҳри Кӯлоб таъин мешавад. Вай тайи солҳои дар ин вазифа кор карданаш як идда корҳои бузургеро ба сомон расонидааст ва яке аз корҳои муҳими анҷомдодааш ин аст, ки худи ӯ чунин қисса мекунад. "Солҳои ҳаштодуми асри гузашта хурӯҷи хурофот ва таассуби диндорон ба авҷи аъло расида буд. Мардум дар маросимҳои динии худ исрофро ба ҳадди ифрот расонида буданд. Дар ҷанозаҳо маросими "Сари тахтагӣ" ва "Иртиш" зиёд дида мешуд ва маълум буд, ки мо бо қувваи худ пеши роҳи ин харҷҳои зиёдатиро гирифта наметавонистем. Рӯзе мулло Ҳайдар Шарифзодаро бо устодаш - мулло Қосим, ки ҳарду аз шахсиятҳои маъруфи давр буданд, ба утоқи корӣ даъват кардам ва барои баргузории як конфронс сари ин мавзӯъ суҳбат кардем. Дар он шабу рӯз баргузории чунин як конфронс чандон кори осон набуд. Аммо ман кӯшиш карда бо ҳама забон як кардам. Хулоса конфронсро баргузор намуда, муллоҳоро даъват кардам ва ин масоилро мавзӯи баҳс қарор додем. Пас аз баргузории конфронси мазкур то ҷое муваффақ ҳам шудем, зеро то дараҷае роҳи таассуб ва хурофот гирифта шуд. Аммо бо ин кори мо анҷом наёфт. Он замон андак -андак бӯи тарғиби идеологияи бегона бо дасти муллоҳо



Ин зани кордон дар давоми фаъолияти пурсамари худ дар хориҷ аз кишвар дар чандин маҷлисҳои партиявӣ бо либоси миллии тоҷикӣ Тоҷикистонро муаррифӣ кардааст. "Ман дар бузургтарин маҷлисҳои ҳизбӣ дар шаҳрҳои Москва, Минск, Киев ва Ригаву Вилнюс бо либоси миллии тоҷикӣ ширкат карда, аз тоҷику тоҷикистонӣ будани худ ифтихор мекардам".

Ҳамин тариқ, Аслбӣ Шарифова фаъолияти худро ҳамчун директори мактаби рақами 9 - и шаҳри Кӯлоб ба анҷом расонидааст. Ӯ дар тӯли фаъолияти омӯзгории худ шогирдони зиёдеро ба воя расонидааст, ки имрӯзҳо дар вазифаҳои баланди давлатӣ фаъолият доранд.

Маҳз самараи чунин хизматҳои намоёнаш буд, ки ӯ соли 2014, тибқи квотаи президентӣ ба зиёрати хонаи Худо мушарраф шуд. "Ман ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба хусус ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдории худро баён мекунам, ки хизматҳои ночизи маро ба инобат гирифта, бе ягон тамаъу харҷи зиёдатӣ ба зиёрати хонаи Худо фиристоданд. Ман дар он макони муқаддас даст ба дуо бардошта, дар ҳаққи давлату миллати худ дуо кардам, ки ҳамеша тинҷу ором бошад".

**Муаллима дар интиҳои суҳбатамон суханашро идома дода, гуфт: "Ман ҳамчун собиқадори ҳизбу меҳнат бо дар назардошти хизматҳои шоёни фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон дар назди Модар-Ватан, пешниҳод месозам, ки он кас ба унвони "Пешвои миллат" сарфароз гардонида шавад".**

Имрӯзҳо Аслбӣ Шарифова яке аз чеҳраҳои намоёни вилояти Хатлон маҳсуб меёбад, ки бо хизматҳои шоистаи худ дар байни мардум обрӯю нуфузи хоса дорад.

Инак, муаллима чанд солест, ки дар нафақаи давлатист. Ӯ ҳоло 75 сола аст ва дар сояи давлати фарзандонаш бо шукргузорӣ аз тинҷиву оромии кишвари азизамон давлати пирӣ меронад. Вале сарфи назар аз ин дар байни мардуми минтақаи Кӯлоб таблиғгару тарвиҷгари сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз таҷрибаи бою ғании сиёсӣ ва оиладории худ барои амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" истифодаи ҳамаҷониба мебарад.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**
*Душанбе, Кӯлоб*



# Офати забон

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

**САВОБИ ХОМӮШӢ**

Офатҳои забон барои инсон хеле бисёр буда, нигоҳ доштани хештан аз онҳо кори ниҳоят душвор мебошад. Барои бартараф сохтани ин офатҳо барои инсон беҳтарин ва некӯтарин тадбир хомӯшӣ маҳсуб мегардад.

Дар китоби муқаддаси мусулмонон омадааст: "Андар сухан гуфтан хайр нест, магар фармон додан ба садақа ва фармудан ба хайру сулҳ додан миёни мардумон" (4:114).

Дар ҳадисе низ омадааст: "Ҳар ки хомӯш бистод, бираст". Ё ин ки "ҳар киро аз оташи фарҷу шиками забон нигоҳ доштанд, нигоҳдоштаи тамом аст".

Дар яке аз ривоятҳое омадааст, ки одамони зиёде назди Муъовия ҷамъ шуда, ҳар кадом сухане мегуфтанд, аммо дар байни онҳо Аҳнаф хомӯширо пеша карда буд. Ҳозирин аз вай пурсиданд: "Аҳнаф, чаро сухан намегӯӣ?" Аҳнаф дар ҷавоб мегӯяд: "Агар дурӯғ гӯям, аз Офаридгор тарсам ва агар рост гӯям, аз шумо тарсам". Аз ин рӯ, беҳтарин фазилат барои инсон хомӯшӣ аст.

Офатҳои забон барои ҳар як инсон бешумор буда, ҳамеша онҳо беҳуда сари забон меҷаҳанд ва гуфтани онҳо барои инсон хушояинду осон мебошад.

Лекин барои инсон ҳангоми сухани зиёд гуфтан фарқ гузоштан миёни баду нек хеле душвор хоҳад буд. Хомӯшӣ ҳаст, ки инсон аз балоҳо саломат мемонад ва ба тафаккуру зикр дастёб мегардад.

Бузурге фармудааст: "Ҳар инсони фозил бояд донад, ки сухан чаҳор қисм мебошад: Яке он аст, ки ҳама зарар аст; дуввум он аст, ки андар вай ҳам зарар аст ва ҳам манфиат; саввум он аст, ки андар вай на зарар аст на манфиат ва он сухани зиёдатӣ бувад ва аз зарари вай он кифоят аст, ки рӯзгорро хароб кунад; чаҳоруми он аст, ки манфиати маҳз аст. Пас се чаҳоряк аз сухан ногуфтанӣ буда, чаҳоряке гуфтанӣ аст". Ҳақиқати ин гуфтаҳо он аст, ки "Ҳар ки хомӯш буд, саломат ёфт".

Барои ҳар як инсони фозил зарур аст офатҳои забонро, ки онҳо ёздаҳто мебошанд, донад, то дар зиндагии хеш иштибоҳи камтаре кунад, зеро ҳар баду неке аз сухан ибтидо мегирад.

**ОФАТҲОИ ЗАБОН**

**ОФАТИ АВВАЛ** ин аст, ки агар инсон сухане гӯяд, бояд саравввал боварӣ ҳосил кунад, ки онҳоро нагӯяд, ҳеҷ зиёну зараре ба вай намерасад. Масалан, шахсе бо гурӯҳи одамон нишаста, доир ба таассуроти худ аз сафараш ба кишвари дигаре ҳикоят мекунад. Дар вақти ҳикоят доир ба шаҳрҳо, таомҳои миллии он кишвар, ҷойҳои диданбоби он ва ғайра баён хоҳад кард. Дар ин ҳикоят набояд чизҳое аз худ изофа кунад, зеро ин ҳама худ ҳарфҳои зиёдатӣ буда, инсон аз онҳо бояд парҳез намояд. Агар ин ё он сухани зиёдатиро нагӯӣ аз он муҳтавои ҳикоя тағйир нахоҳад ёфт.

## ҲИКОЯТ

***Луқмони Ҳаким муддати як сол ба назди Довуд меомад ва медид, ки вай чизеро зиреҳ мекард. Луқмони Ҳаким хеле мехост донад, ки Довуд чӣ медӯзад, вале инро аз вай намепурсид. Он замоне, ки кор ба охир расид, Довуд ҷавшанро бар тан карду гуфт:***

***"Ин нек ҷомае аст ҳарбро". Луқмони Ҳаким фаҳмид, ки чизи дӯхтаи вай ҷавшан будааст ва гуфт: "Хомӯшӣ ҳикмат аст, валекин касро андар вай рағбат нест".***

Сабаби чунин савол кардан он аст, ки агар касе хоҳад аҳволи мардумонро донад вай бояд бо касе ба сухан муроҷиат кунад, ки бо вай изҳори дӯстӣ карда бошад.

Ҳар инсон бояд донад, ки ҳар чи бо як калима бо касе тавонад гуфтан, чун дароз кунад ва он калима ба ду калима зиёд шавад он калимаи дуввум зиёдатӣ хоҳад буд.

Инсон набояд бандро аз сари киса баргирифта, ба сари забони худ ниҳад. Дар ин боб дар ҳадисе омадааст: "Ҳеҷ чиз надоданд одамиро бадтар аз забони дароз".

Ҳар чизе ки инсон гӯяд, ба ӯ менависанд. Зиёни зоеъ шудани вақт дар бисёр гуфтан мебошад.

**ОФАТИ ДУВВУМ** ин сухан гуфтан дар бадӣ мебошад. Инсон ҳеҷ вақт набояд забонро ба бадгӯӣ одат кунонад, доир ба фиску фуҷур дар маҷлисҳо сухан гӯяд ва дар мунозира бо ҳамсуҳбат фаҳшгӯӣ кунад. Дар ин боб омадааст: "Кас бувад, ки як сухан бигӯяд, худ бад-он бок надорад ва онро вазне ва қадре нашинохад..."

**ОФАТИ СЕВВУМ** дар натиҷаи мухолифату ҷадал бо шахсони дигар зуҳур мекунад. Дар ҷомеаи инсонӣ бисёр шахсоне ҳастанд, ки бо ҳар касе агар ба мукolama дароянд, ҳатман кӯшиш менамоянд санҷида ё носанҷида суханони ҳарифи худро рад кунанд ва хосатан таъкид созанд, ки "не, чунин аст". Маънои ин гуфтаҳои онҳо ин аст, ки "ту аҳмақ ва нодону дурӯғгӯ ҳастӣ ва ман бошам зираку оқилу ростгӯям". Бо ибрози ин як сухан ду сифати ин шахсони "ҳамадон" маълум мешавад: Яке такаббур ва дигаре таҳқир ба касе.

Ин тарзи муносибат боиси бидуни зарурат ранҷонидани одамон мегардад. Дар чунин ҳолат беҳтарин мавқеъ барои инсон хомӯш будан аст.

Аслан сабаби ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳо барангехтани баҳсҳо мебошад, ки онро дар илми фалсафа бо номи "ҷадал" ёд мекунанд. Дар ҳолати сар задани чунин "баҳс" беҳтар аст ба рақиб бо насиҳат муроҷиат кард, дар сурати қабул кардани насиҳат маълум мешавад, ки ин одам чандон пойбанду шайдои худ ва ғуломи такаббуру худхоҳӣ нашудааст.

Дар сурате, ки агар насиҳат пазируфта нашавад, беҳтар аст хомӯширо интихоб кард. Дар ин бора дар ҳадисе омадааст:

"Ҳеҷ қавм гумроҳ нашуданд, ки на ҷадал бар эшон ғолиб шуд".

Луқмони Ҳаким ҳамеша ба писараш таъкид мекард, ки "бо олимон ҷадал макун, ки онҳо ҳатман душманат гиранд". Дар робита ба ин тамоми ҳакимони пешин овардаанд, ки дар чунин ҳолат "беҳтарин фазилат хомӯшӣ" мебошад.

Дар қиссае омадааст, ки яке аз ҳамасрон ва донишмандони даврони Абӯҳанифа Довуди Той ба узлатнишинӣ рӯй оварда буд. Ҳангоми вохӯрӣ Абӯҳанифа аз вай мепурсад: "Чаро аз узлат берун намеоӣ?". Довуди Той дар ҷавоб мегӯяд, ки "ба кӯшиш хештанро аз ҷадал гуфтан ҳаме боздорам". Абӯҳанифа гуфт: "Ба маҷлисҳои мунозира (баҳс) биё ва бишунаву сухан магӯй". Довуди Той гуфт: "Чунон кардам, ҳеҷ мушкилие аз он бадтар накашидам".

Ба қавли ҳакимону бузургони гузашта бадтарин офат барои аҳли башар он аст, ки дар ҷомеае таассуби мазҳабу дин ба вуҷуд омада бошад ва гурӯҳе, ки талаби ҷову мақом кунанд, ҳамеша одамонро аз номи дину мазҳаб ба баҳсу ҷадал кашида, табъи мастонаву такаббури худро ҳамчун мавқеи дин муарифӣ созад. Ҳамин аст, ки Абӯҳанифа ҳамеша таъкид мекард, ки умуман ҷадал аз дин нест.

ҲИКМАТ

***Ваҳаб ибни Мунаббаҳ гуфт: "Дар аввали Таврот чаҳор сухан набишта аст, ки ҳар олиме, ки парҳезкор нест, ӯ ва дузд ҳар ду якест ва дигар ҳар мард, ки хирадманд нест, ӯ ва чаҳорпо якест".***

Ин ҳолатҳои зикршуда ба хусус дар байни олимони дунявӣ низ хеле зиёд мебошад. Ҳаст олими бо такаббуре, ки бе асосу бо асос бо ҳар кас ба баҳсу муҷодила рӯӣ меорад. Ҳатто олимоне ҳастанд, ки бо хондани як ё ду китоб зери таъсири андешаҳои нависандаҳои ин китобҳо монда, ба таҳқири одамон даст мезананд ва онҳоро "бесавод", "бемаърифат" ва ғайра ном мебаранд. Ин як беморӣ ҳаст, ки решаҳои он дар худситоӣ, ҳасад, рашк, бадбинӣ ва дигар разилатҳои ахлоқӣ нуҳуфтаанд. Баъзе олимоне низ ҳастанд, ки ба мартабаи баланди илмӣ расида, дорои унвонҳои гуногун шудаанд, лекин ягон шогирде тарбия накарда, тарбияи шогирдро барои худ таҳқир медонанд. Сабаби ин низ дар кибру ғурур, ҳасад ва нодида гирифтани дигарон мебошад.

ҲИКМАТ

***Суқроти ҳаким гуфт, ки панҷ чиз мардумро табоҳ кунад: яке бо дӯстон фиреб кардан, дигар аз худовандони дониш рӯй бигардонидан, сеи дигар хештанро хор доштан, чаҳоруми кибри носазовор кашидан, панҷум аз паси ҳавои дил рафтан.***

Бо олимони маризи бахиливу ҳасад, рашку такаббур, ғурур ва ғайра гирифтор шуда зарурате баҳс нест, зеро ҳадафи онҳо на расидан ба ҳақиқат аст, балки бо истифода аз ҳар гуна найрангҳои софистӣ ҳарифи худро поймол ва ғарқ кардан мебошад. Дар ин ҳолат беҳтарин мавқеъ барои инсон хомӯшӣ ҳаст.

ҲИКМАТ

***Ҳаргиз бахилро сутуда набинӣ, на хашмгинро шодон ва на хирадмандро ҳарис ва на каримро ҳасуд ва на озварро тавонгар ва на малулро дӯст.***

Сарфи назар аз он ки Суқрот бузургтарин ҳакими сатҳи ҷаҳонӣ буда, пас аз худ мактаби бузурге дар симои Афлотун ва ҳакимони дигар боқӣ гузошта буд, лекин ҳамеша мегуфт, ки "Ман медонам, ки ҳеҷ чизро намедонам".

ҲИКМАТ

***Ҳакиме гуфт: "Мардум бар чаҳор гурӯҳанд: яке он аст, ки донад ва донад, ки доност. Аз вай дониш омӯзед. Ва дигар он аст, ки донад ва надонад, ки доност. Ӯ фаромӯшкор аст, ёдаш диҳед. Ва яке он аст, ки надонад ва донад, ки надонад. Биомӯзедаш. Ва яке он аст, ки надонад ва надонад, ки надонад, ӯ ҷоҳил аст, аз ӯ дур бошед".***

**ОФАТИ ЧАҲОРУМ** ин хусумат дар сухан мебошад. Тибқи гуфтори ҳакимони бузург ҳеҷ кас бидуни илму дониш набояд бо каси дигаре хусумат кунад, зеро бо хасм ҳеҷ вақт сухани хуш гуфтан намешавад. Фазилати сухани хуш гуфтан бисёр аст. Пас ҳар киро хусумате бошад, муҳим он аст, ки агар тавонад аз хусумат даст кашад. Лекин агар натавонист бояд, ки ба ҷуз аз рост гуфтан чизи дигаре нагӯяд, қасди ранҷонидани касе накунад ва сухани дурушт нагӯяд.

**ОФАТИ ПАНҶУМ** фаҳш гуфтан аст. Дар ҷомеаи инсонӣ одамоне ҳастанд, ки ҳар кучое сухани фаҳш ва палид бошад, чунин ҷойҳоро дӯст медоранд ва ҳамеша дар талошу ҷамъ кардан ва ҷустуҷӯи суханҳои фаҳшолуд мебошанд. Иброҳим ибни Майсара фармудааст: "Ҳар ки фаҳш гӯяд, рӯзи қиёмат бар сурати саге хоҳад буд".

Шахсоне, ки фаҳш ва палид гуфтанро дӯст медоранд онҳо аз гуфтугӯ ва мубошарат бо дигарон иборатҳои зишту дашномолудро ҷамъ мекунанд. Дар робита ба ин дар ҳадисе омадааст: "Лаънат бар он касе бод, ки модару падар аз он хушнуд набошанд ва модару падари худро дашном диҳад". Гуфтанд: "Ин кӣ кунад". Дар ҷавоб гуфтанд: "Он, ки модару падари дигаре дашном диҳад, то модару падари вайро дашном диҳанд, он худи вай дода бошад".

Бо назардошти оқибатҳои бади фаҳш гуфтан, ҳакимони бузург пешниҳод кардаанд, ки ҳар чизе, ки зишт бошад, дар бораи он сареҳ гуфтан лозим набуда, танҳо кифоя ҳаст ишорате кард. Ё ин ки касе ба касалиҳои зишт гирифтор бошад, онро танҳо "беморӣ" бояд гуфт. Дар баёни чунин суханҳо ҳамеша бояд адабро нигоҳ дошт.

**ОФАТИ ШАШУМ** лаънат кардан аст. Ҳакимон ва муаллимони одоби башарият ҳамеша таъкид кардаанд, ки лаънат гуфтан ба шахсу мардуму ҳайвон ва умуман ҳама чиз манъ аст. Бударо мегӯяд, ки "ҳеҷ одамӣ заминро ё чизеро лаънат кунад, он чиз гӯяд: "Лаънат бар он бод, ки андар Худой оситар аст аз мо ҳар ду".Дар хусуси ин дар ҳадисе омадааст: "Мӯъмин лаънат накунад".

Умуман, дар зиндагии хеш ҳеҷ кас набояд аз мафҳуми "лаънат" ба ҷою беҷой истифода барад ва онро ба забон орад. Аз "лаънат" гуфтан инсон бояд ҳазар кунад, зеро он боиси сар задани хатар ва фасод хоҳад шуд. Агар касе дар тамоми умри худ ба касе ва ҳатто ба Иблис лаънат накунад, ҳеҷ кас аз вай нахоҳад пурсид, ки "чаро лаънат накардӣ?" Лекин чун бар касе лаънат кунад, андар хатари саволе қарор хоҳад дошт, ки чаро лаънат кардӣ?

Лаънат хондан аз ғуруру таассуб ва ҳавобаландии инсонҳои беодоб мебошад.

*Давом дорад*

**А. АРДАШЕР**

**Дар махзангоҳҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳое маҳфузанд, ки бозгӯ аз лаҳазоти муҳими таърихии миллати куҳанбунёди мо, шурӯъ аз замони барқарорсозии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон, задухӯрдҳои дохилии синфӣ, бунёд ва рушди хоҷагии халқ, қаҳрамониҳои ҷавонмардони тоҷик дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, хидматҳои беназири ақибгоҳ расида то имрӯз ҳастанд.**

# ХАЗИНАИ БЕБАҲОИ МИЛЛӢ

**ТАЪРИХИ** хадамоти бойгонии тоҷик ғанӣ буда, маводҳои то ба имрӯз ба дасти мо расидаи он исботи ин гуфтаҳост. Агар ба замони таъсиси бойгонии тоҷик назар афканем, 20 марти соли 1931 Кумитаи Иҷроияи марказӣ ва Шӯрои Комиссарони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Низомномаи ташкили кори бойгониро дар ҷумҳурӣ тасдиқ намуд, ки он барои созмон додани рушди он нақши муҳим бозид.

Дар асоси ин санад хазинаи Бойгонии ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ки ба таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар тамоми давраи мавҷудияти он, ҳамчунин воқеъоте, ки дар ҳудуди кишвар дар замони гуногун рух додаанд, ташкил карда шуд.

Соли 1936 хазинаҳои фондҳои муассисаҳои маъмурияти собиқ Уезди Хуҷанд, ки муваққатан дар шаҳрҳои Тошканд ва Самарқанд нигоҳ дошта мешуданд, ба ЧШС Тоҷикистон баргардонида шуда, дар заминаи онҳо соли 1937 Бойгонии марказии таърихӣ таъсис дода шуд. 27 апрели соли1938 қарори Раёсати Кумитаи иҷроияи марказии ЧШС Тоҷикистон "Дар бораи вазъи бойгонидорӣ дар ЧШС Тоҷикистон" ба имзо расид, ки барои вусъати минбаъдаи кори бойгонидорӣ дар ҷумҳурӣ такони ҷиддӣ бахшид. Дар асоси он ҳамаи шуъбаҳои Раёсати марказии бойгонӣ бархам дода шуда, бойгониҳои давлатии Ленинобод, Қӯрғонтеппа, Ғарм, Кӯлоб, ВМКБ, бойгониҳои шаҳрии Сталинобод, Ленинобод ва 66 бойгонии ноҳиявӣ таъсис дода шуданд.

Айни замон Бойгонии марказии давлатии ҷумҳурӣ бузургтарин махзани ҳуҷҷатҳои арзишнок буда, дастоварди миллӣ ва сарвати ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо ба шумор меравад. Ҳуҷҷатҳое, ки дар он такя ба талаботи илмӣ ва замон маҳфуз ҳастанд, таърихи кишварро шурӯъ аз солҳои 60-и қарни гузашта то ба имрӯз инъикос менамоянд. Дар замони истиқлолият мавқеъ ва нақши бойгониҳо ба куллӣ тағйир ёфта, аз ҷониби роҳбарияти давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаи рушди минбаъдаи соҳа таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои зиёд зоҳир карда мешавад.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ шабакаи васеи муассисаҳои бойгонӣ амал мекунад, ки аз 12 бойгонии давлатӣ ва 72 бойгонии байниидоравии ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иборат аст.



Дар маҳфузгоҳҳои бойгониҳои ҷумҳурӣ 9 ҳазору 645 хазина, ки 2 миллиону 749 ҳазору 480 парвандаро дар бар мегиранд, нигоҳ дошта шуда, дар Бойгонии марказии давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон 378 фонди шахсӣ ва фонд-коллексияҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ таҳия ва нигоҳ дошта мешаванд. Фондҳои шахсии афроди барӯманди кишвар, аз шумори ходимони намоёни давлатӣ, арбобони барҷастаи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, академикҳо, профессорон, нависандагон, шоирон, рассомон, коргардонҳои синамо, наворбардорон ва шахсиятҳои хизматнишондодаи дигар соҳаҳо, ки баҳри ободонӣ ва рушди ҷумҳурӣ хидмат намудаанд, ҷамъоварӣ шудаанд. Бойгонии марказии давлатии аксу садо ва синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона бойгонии муҷаҳҳаз ва комили соҳа дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Нодиртарин аксу наворҳои бойгонӣ мансуб ба соли 1871 буда, таърихи 130-сола доранд. Нахустин кори филмсозони тоҷик В.Кузин, А.Шевич ва ғ.- "Омадани аввалин поезд ба Душанбе " (соли 1929), филмҳои ҳуҷҷатӣ, акс ва сабтҳои овозӣ, ки дар бораи ҳодисаҳои муҳими ҷумҳурӣ, аз қабили сохтмони каналҳои калони Ҳисору Фарғона, шоҳроҳи Помир, задухӯрдҳои дохилии солҳои 30- и қарни 20, анҷуманҳои ҳизбиву комсомолӣ, иштирокчиёни ЧБВ ва ғ. аз ҳуҷҷатҳои хеле нодиру пурқимат маҳсуб мегарданд. Дар бойгонӣ беш аз 170 ҳазор ҳуҷҷатҳои аксу садо ва синамои ҷумҳурӣ маҳфуз буда, феҳристи онҳо таҳия шуда, ҳамчун маҷмӯаи сабтию иттилоотӣ хидмат мекунанд. Айни ҳол 600 воҳиди нигоҳдории овозҳои магнитӣ ба шакли рақамӣ гузаронида шудааст.

Дар бойгониҳои ҷумҳурӣ кор оид ба ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои вакилони Иҷлосияи таърихии 16-ми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳия намудани фонд-коллексияҳои иштирокчиёни ҷаласа амалӣ гашта истодааст. Пешбурди коргузорӣ аз рӯи муроҷиатҳои шаҳрвандон аз дигар намудҳои коргузорӣ ҷудо буда, ба зиммаи мақомоти махсус ба ин кор таъиншуда гузошта мешавад, ки онҳо тартиби пешбурди коргузориро дар муассисоти дахлдор мунтазам тафтиш карда, барои такмил додани он чораҳо меандешанд.

Бо гузашти айём тамоми бурду бохт, пешравию комёбӣ ва норасоиҳои зиндагӣ ба саҳифаи таърих ворид мегарданд, бойгониҳо бошанд, ганҷи таърихианд. Наслҳои имрӯзу ояндаи кишвар метавонанд тавассути ин хазинаи бебаҳои таърихии миллат, ки дар бойгониҳо маҳфуз дошта мешаванд, аз таърихи гузаштаву имрӯзи он огаҳӣ пайдо кунанд.

**Дилором МИРСАИДОВА**, *сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,*

**Муҳаббат ТАБАРОВА**, *мудири шуъбаи саридора*





Асбоби ченкунии фишори моеъ ва газҳо
Фарзанди ака ё додари падар
Сабзавоти сурх
Ноустувор дар дӯстӣ ё ишқ
Аддис-..., пойтахти Эфиопия
Номи ҳарфи арабӣ
Бахшиши гуноҳ
Махлуқи сесараи афсонавӣ
Помонак барои аспсавор
Автомобили америкоӣ
Пеш аз ҷумъа
Нуқтаи баланди мусиқӣ
Модар (лаҳҷа)
Хуб
Ҳиссачаи тасдиқӣ
Нависанда Садриддин ...ӣ
Зани афсонавӣ
Гиёҳу дарахтон
Дӯст гӯяд табарвор, душман гӯяд ...
... задан – ба об пурра даромадан
Теғи сартарош
Гиёҳ, сабза
Муқобили пеш
Бемории норасоии хун, анемия
Дар он бо бӯр менависанд
Бе-об
Ширкати либоси варзишӣ
Дарвозаи футбол дорад
«Осьминог» ба тоҷикӣ
Коргоҳи дорбозону акробатҳо
Масолеҳ барои бомпӯшонӣ
Сӯрох
Ҷугӣ
Ҳарфи арабӣ
Шикоят
«... бисуду фурӯ рехт ҳар чӣ дандон буд»
«Дирол», «Стиморол», « ...»
Баракат
Хамирпораи дар равған пухташуда
Асбоби мусиқии тории секунҷа
Қисми растанӣ
Кайфу сафо - ...у ишрат
Пойтахти Австрия
Ҷонишини ишоратӣ
Рӯзӣ, хӯрок
Пойтахти Туркия
Тамғаи маргарин
«Ҳаёт» ба забони юнонӣ
Расму оин
Сарояндагӣ

# ИДИ ҚУРБОН 24 СЕНТЯБР ТАҶЛИЛ МЕШАВАД

**Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон эълон кард, ки Иди Қурбон рӯзи панҷшанбеи 24 сентябр таҷлил мегардад.**



Санаи баргузории ид дар ҷаласаи Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон рӯзи 14 сентябр тасдиқ шуд. Зикр гардид, ки рӯзи панҷшанбе соати 7:00 субҳ дар тамоми масҷидҳои ҷомеи кишвар намози Иди Қурбон баргузор мегардад. Дар ҷаласа ҳамзамон ба имомхатибони масҷидҳои ҷомеи кишвар дастур дода шуд, ки дар хутбаи намози ҷумъа, аҳкоми қурбонӣ ва тарзи дурусти анҷом додани маросими қурбониро ба мардуми кишвар фаҳмонанд. Таъкид гардид, ки дар оростани дастархони идона ба исрофкорӣ роҳ дода нашавад.

Расонидани кӯмаку хайрияҳо ба ятимон, бепарасторон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва дигар қишрҳои ниёзманди ҷомеа аз амалҳои неки ҳар фарди мусулмон дар арафаи ид аст. Ёдовар мешавем, имсол наздики 6 ҳазор сокинони Тоҷикистон ба зиёрати Каъба ба Маккаи Мукаррама сафар кардаанд.

**«МХ»**

Тандурустӣ

# Ангур - меваи хушхӯр ва дармонбахш

**Ангур аз зеботарин меваи тирамоҳ ва хӯрдании лазиз барои ҳамагон аст.**



Таҳқиқоти донишмандон собит карда, ки ангур инчунин дорои хосиятҳои табобатии зиёде мебошад.

Он аз ҷумлаи меваҳои дерпаз, вале зуд ҳазмшаванда аст. Дар олами мева ва сабзавот ягона чизе аст, ки барои таҳқиқи хосиятҳояш илми махсус эҷод шуда, ки онро "ампелография" номидаанд.

Таърихи пайдоиши ангур аз 10 ҳазор сол пеш мавриди пажӯҳиш буда ва тайи ин муддат паҳлуҳои мухталифи парвариш, хосиятҳо ва ҷиҳатҳои шифобахши он сабт шудааст.

Витаминҳои С,А, В(1), В(2), В(6), В(9), Е, РР, Р намакҳои маъданӣ, кислотаҳои мева, фосфор, калий, калсий, магний, сулфур, хлор, руҳ, мис, кремний, манган, оҳан, йод - рӯйхати нопурраи моддаҳое аст, ки дар ин буттамеваи шаффофу хушхӯр мавҷуд буда, онро қувват дармонбахш мекунад.

Ангур дорои ролифенолҳо (моддаҳои барои пӯст зарурӣ), ғанӣ аз витамини Е аст, ки молекулаҳои он барои ҳифзи ҳолати пӯст лозим мебошанд. Ин молекулаҳо моддаҳои зарарнокро аз байн бурда, пӯстро аз пиршавӣ нигаҳ медоранд.

Сентябр ва октябр ду моҳи ба тамом саршор аз ангур буда ва ҳар кадоме аз мо имкони ба серӣ хӯрдани ин меваро дорем.

Онҳое, ки мехоҳанд фоидаи ин меваи хушхӯрро эҳсос кунанд, бояд бо парҳез аз анвои хӯрданиҳои дигар тайи як рӯз фақат ангур истеъмол кунанд. Барои ин тавсия мешавад, ки 2 килограмм ангур харида ва онро ба 5-6 ҳисса ё портсия ҷудо карда ва дар тӯли рӯз бихӯранд.

Кислотаҳои мева, танинҳо ва нахҳои ин ғизо меъда ва ҷигари касро хуб тоза мекунанд. Ба ин далел, ки ин буттамева аз глюкоза ғанӣ аст, шумо хастагӣ ва афсурдаҳолӣ эҳсос намекунед ва он ҳолате, ки ҳангоми худдорӣ аз нахӯрдани ҳар навъ ғизо кас эҳсоси гуруснагӣ мекунад, бинобар қувватбахш будани ангур эҳсос намешавад.

Истеъмоли ангур дар вақти бемориҳои гуногуни пӯст, сӯхтагӣ,мондагии пойҳо, васеъ шудани рагҳои хунгузари варикоз низ кӯмак мекунад.

Ангур бинобар зиёд будани калий ва глюкоза барои мустаҳкам шудани мушакҳои дил ҳам ёрӣ мерасонад. Баъзе аз намудҳои ангур то 75 дарсад қанд доранд ва бинобар ин дар вақти истеъмоли он бардошти ҷисм ва меъёр бояд риоя шавад. Ангур аз моҳи ноябр сар карда, маза ва хосиятҳои худро гум мекунад. Дар он замон кас бояд ба хӯрдани мавиз рӯ орад.

**Таҳияи Ю.СОЛЕҲ**

Обуна-2016

**u Агар аз муҳимтарин воқеоти кишвар ва ҷаҳон огоҳ шудан хоҳед,**
**u Агар бо чеҳраҳои мондагори сиёсиву фарҳангӣ ва таърихӣ аз наздик ошно шудан хоҳед,**
**u Агар аз дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо воқиф шудан хоҳед,**
**u Агар ба мушкилот ва масъалаҳои доғу мубрами ватани худ бетараф нестед,**
**u Агар мавқеи ҲХДТ-ро дар ҷомеа устувор дидан хоҳед, пас,**

## ба ҳафтаномаи

МИНБАРИ ХАЛҚ

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

## обуна шавед!

**МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!**

Маблағи обуна ба ҳафтанома 90 сомониро ташкил медиҳад. Маблағҳои обунаро метавонед ба тариқи накдӣ ва ғайринакдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...



**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**

**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН:** 221-25-36, 221-63-21

Варзиш

# "ПАХАНГ" РАҚИБИ "ИСТИҚЛОЛ"

**Қаҳрамони секаратаи Тоҷикистон, дастаи "Истиқлол"-и Душанбе, барои бозии ҷавобии чорякниҳоии Ҷоми АФК-2015 бо тими "Паханг" ба Малайзия сафар кард.**

Ба навиштаи сомонаи клуби футболи "Истиқлол", дар ин бозӣ сармураббии "Истиқлол" Мубин Эргашев бо худ 16 бозигар: **дарвозабонҳо** - Никола Стошич, Алишер Тӯйчиев; **ҳимоятгарон**- Сиёвуш Асроров, Петро Ковалчук, Маҳдӣ Чоҳҷӯӣ, Аҳтам Назаров, Ҷаҳонгир Ҷалилов, Эраҷ Раҷабов; **нимҳимоятгарон** - Нуриддин Давронов, Хуршед Маҳмудов, Фатҳулло Фатҳуллоев, Парвизҷон Умарбоев, Ромиш Ҷалилов, Дилшод Восиев ва **ҳамлагарон**- Бледа Родригес ва Манучеҳр Ҷалиловро гирифтааст.

Ёдовар мешавем, дар бозии аввали чаҳорякниҳоии Ҷоми АФК байни дастаҳои "Истиқлол" ва "Паханг" рӯзи 26 август дар Варзишгоҳи марказии Душанбе мизбонон бо ҳисоби бузурги 4:0 ғолиб омада буданд.

Бозии ҷавобӣ имрӯз, 16 сентябр, дар варзишгоҳи Дорулмакмури Куантан соати 20:45 ба вақти маҳаллӣ (соати 17:45 - ба вақти Душанбе) шурӯъ мешавад. Ғолиби ин ҷуфт дар бозии нимфиналӣ бо ғолиби ҷуфти "Кувайт"-и Кувайт - "Китчӣ"-и Гонконг рӯзҳои 30 сентябр ва 21 октябр қувва меозмояд.

**А.САФАРЗОДА**

**ЭЪЛОН**

Хоҷагии давлатии зотпарварии ба номи С.Сафарови ноҳияи Балҷувон дар асоси қарори Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои асосии худро барои бартарафсозии қарзи андозҳо ба манфиати буҷети ноҳия ба фурӯш мегузорад.

МИНБАРИ ХАЛҚ
НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.tribun.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Мавҷуда Соҳибназарова, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 48952 нусха**

**Навбатдор: И.ТОҲИР**

